5. Формирование адаптационных стратегий в контексте реализации внешнеэкономической и технологической политики государств в современной системе мирохозяйственных связей требует учёта растущей роли региональных блоков и новых финансово-институциональных механизмов, обеспечивающих альтернативные каналы доступа к капиталу и критическим технологиям, что предполагает активное участие в региональных союзах и многосторонних форматах для диверсификации логистических и финансовых потоков, наращивание внутренней научно-технологической базы с целью ослабления зависимости от внешних санкционно-уязвимых поставщиков, а также долгосрочную работу по созданию собственных расчётных систем и институтов совместного финансирования, способных смягчать внешнее давление и одновременно укреплять позиции стран в возникающих полицентричных цепочках поставок и распределения ресурсов [2-А, 14-А, 30-А].

6. Разработка продвинутых структурных векторных моделей и их периодическое обновление данными обеспечивает своевременное выявление критических точек внешнеэкономической уязвимости и масштабов санкционного давления, что даёт возможность государствам, подверженным такому давлению или находящимся в зоне его потенциального воздействия, проводить гибкую макроэкономическую политику, включающую равномерную диверсификацию экспортных рынков, стимулирование долгосрочных инвестиций (в том числе за счёт создания благоприятного регуляторного климата и адресных мер поддержки отраслей с высоким уровнем технологической зависимости), укрепление национального валютного рынка путём повышения привлекательности локальных финансовых инструментов, а также формирование комплексных программ импортозамещения в сочетании с усилением межотраслевой и международной кооперации, позволяющих смягчать последствия краткосрочных шоков и

снижать структурные риски для долгосрочного экономического роста [2-А, 21-А].

7. Расширение исследований в области функционирования международных экономических санкций в современной системе мирохозяйственных связей, позволяет выявить в рамках национальной экономики «узкие места» структурного характера (технологических, финансовых, институциональных) в целях своевременной переориентации государственных ресурсов и управленческих компетенций на формирование диверсифицированных каналов экспорта и импорта, стимулирование локализации критически важных производств, а также учреждение параллельных финансовых инфраструктур. При этом необходимо уделять особое внимание разработке механизмов поддержания инновационной среды (фокус на импортозамещении передовых технологий и научно-технических разработках), укреплению дипломатических и инвестиционных соглашений с альтернативными экономическими центрами, институциональному упрощению процедур в сфере торговой политики и созданию благоприятной среды для привлечения долгосрочных капиталовложений, способных в совокупности нейтрализовать часть рисков, связанных с влиянием ограничительных режимов, и обеспечить повышенную устойчивость национальной экономики [12-А, 17-А].

8. Расширение правового инструментария быстрого реагирования, институциональное укрепление межведомственных координационных советов, стимулирование многосторонних интеграционных проектов и технологических альянсов, формирование параллельных платёжных систем и систематическая поддержка национального научно-образовательного кластера обеспечивают целостную основу для превентивных мер против внешних ограничений. При этом интеграция бизнеса в процесс антикризисного планирования, массовое вовлечение предпринимателей в государственные форумы и целевые программы экспортного продвижения, а также их участие в совместных инфраструктурных инициативах создают

дополнительный резерв прочности и усиливают международные связи, позволяя сформировать эффективную адаптационную модель, способную не только минимизировать негативные эффекты потенциальных санкций, но и придать импульс инновационно-технологическому развитию страны [7-А, 15-А].

9. Повышение устойчивости экономики Таджикистана в условиях влияния экзогенных шоков и потенциально возможного косвенного санкционного давления предполагает диверсификацию поставщиков и рынков, укрепление технологической базы и развитие импортозамещающих отраслей, а также финансовую и продовольственную безопасность при одновременном привлечении новых источников инвестиций, создании профильных экономических зон, институциональном и кадровом укреплении, что в совокупности повышает конкурентоспособность хозяйственного комплекса и смягчает риски внешнеэкономических ограничений [1-А, 23-А, 25-А].

10. Результаты диссертационного исследования показывают, что в целях реализации эффективной национальной превентивной политики в условиях воздействия экзогенных шоков и потенциально возможного косвенного санкционного давления, рекомендуется, во-первых, инициировать институционализацию межведомственного координационного органа по внешнеэкономической устойчивости, наделённого мандатом по мониторингу санкционных рисков, проведению сценарного анализа и выработке инструментов экономической ответной реакции. Во-вторых, необходима активизация политики технологического нейтрализма через разработку и внедрение программы импортонезависимого производства в критически значимых отраслях — энергетике, АПК, алюминиевой и текстильной промышленности — с опорой на многостороннее партнёрство с государствами, не вовлечёнными в санкционные коалиции. В-третьих, требуется проведение нормативной и инфраструктурной трансформации платёжной системы: внедрение расчётов в альтернативных валютах,

сопряжение с региональными системами расчётов, развитие института экспортно-импортного банка и создание устойчивых каналов трансграничных переводов. В-четвёртых, с целью снижения социальной уязвимости следует обеспечить резервное финансирование программ занятости и локализации рабочих мест для потенциально возвращающихся мигрантов. В-пятых, ключевым направлением является углубление участия Таджикистана в альтернативных региональных форматах экономической интеграции (включая БРИКС+, ОИС, ШОС), в рамках которых возможно получение доступа к технологиям, инвестициям и рынкам сбыта в обход западноцентричных ограничительных режимов. В совокупности, реализация вышеперечисленных шагов позволяет сформировать функционально устойчивый контур внешнеэкономической безопасности и обеспечить адаптационный потенциал национальной экономики в условиях пролонгированного санкционного давления и геоэкономической фрагментации [2-А, 4-А, 5-А,14-А, 30-А].

# СПИСОК ИСПОЛЬЗОВАННОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

1. Campos, L. An analysis of exogenous shocks using structural vector autoregressions identified with sign restrictions [Text]: Doctoral dissertation / L. Campos; directed by J. Ruiz Andújar. – Madrid: Universidad Complutense de Madrid, 2014. – 93 p.

2. Farrell, H., Newman, A.L. Weaponized Interdependence: How Global Economic Networks Shape State Coercion [Text] / H. Farrell, A.L. Newman // International Security. – 2019. – Vol. 44, No. 1. – Pp. 42–79.

3. Trade statistics for international business development [Electronic resource]. – Access mode: https://www.trademap.org/Index.aspx

4. UNCTADstat Data Centre [Electronic resource]. – Access mode: https://unctadstat.unctad.org/EN/Index.html

5. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Электронные версии публикаций (архив) [Электронный ресурс]. — Режим доступа: https://www.stat.tj/ru/elektronnye-versii-publikaczij-arhiv/

6. Бобоев, А.А., Маҳкамов, П.Ҳ. Масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва афзалиятнокии он дар шароити муосири Тоҷикистон [Матн] / А.А. Бобоев, П.Ҳ. Маҳкамов // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – № 1 (21). – С. 86–95.

7. В Госдуме призвали ввести визы для мигрантов [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/politics/20241219/deputat-matveev-prizval-vvesti-vizi-dlya-migrantov-posle-ubiistva-generala

8. Веремеев И. США стали главным поставщиком СПГ в Европу [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.stoletie.ru/tekuschiiy_moment/ssha_stali_glavnym_postavshhikom_spg_v_jevropu_976.htm

9. Всемирный банк. ВВП, ППС (в текущих международных долларах) [Электронный ресурс]. – Режим доступа:

https://data.worldbank.org/indicator/NY.GDP.MKTP.PP.CD?end=1991&locations=1W-BR-EG-IN-ID-IR-CN-AE-RU-ET-ZA&start=1990

10. Всемирный банк. Открытые данные Всемирного банка [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://data.worldbank.org

11. Зияева, М.Д. Диверсификация источников инвестиционного обеспечения предпринимательских структур в промышленности [Текст] / М.Д. Зияева // Таджикистан и современный мир. – 2024. – № 1 (85). – С. 213–227.

12. Иброҳимов, И.Р., Ғоибназаров, Ғ.У. Диверсификатсияи савдои беруна ҳамчун унсури муҳими паст кардани хавфҳо [Матн] / И.Р. Иброҳимов, Ғ.У. Ғоибназаров // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – № 1 (21). – С. 33–39.

13. Мельник, А.Н., Садриев, А.Р., Лукишина, Л.В., Маъруфи, М. Санкционное давление: направления трансформации процессов управления инновационным развитием российской экономики [Текст] / А.Н. Мельник, А.Р. Садриев, Л.В. Лукишина, М. Маъруфи. – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 2018. – 240 с.

14. Национальный банк Таджикистана. Прямые иностранные инвестиции в Республику Таджикистан по странам [Электронный ресурс]. — Режим доступа: https://nbt.tj/ru/statistics/tavozuni-pardokhti-jt/sarmoyaguzori hoi mustakimi khoriji ba jt az r kishvarho.php

15. Национальный Банк Таджикистана. Прямые иностранные инвестиции в Республику Таджикистан по отраслям [Электронный ресурс]. — Режим доступа: https://www.nbt.tj/ru/statistics/tavozuni-pardokhti-jt/sarmoyaguzori-oi-mustakimi-khorii/sarmoyaguzorihoi-musta-imi-khori-ba-jt-az-r-sohaho.php

16. Поздравительное послание Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в честь праздника Навруз [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://prezident.tj/event_by_theme/internal_politics/navruz/25411

17. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона об основных направлениях внутренней и внешней политики республики [Электронный ресурс]. — Режим доступа: https://president.tj/event/missives/49237

18. Содикзода, П. Классификация экономических санкций в системе мирохозяйственных связей [Текст] / П. Содикзода // Финансово-экономический вестник. – 2024. – № 3 (42). – С. 105–113.

19. Таможенная служба при Правительстве Республики Таджикистан. Статистика внешней торговли РТ [Электронный ресурс]. — Режим доступа: https://tamognia.tj/index.php/2020-10-12-17-53-49/2018-06-14-07-44-16/2018-06-14-07-45-21

## Список опубликованных работ соискателя по теме диссертации

### Монографии

[1-А] Содикзода, П. Внешнеэкономические интересы Таджикистана в современном мировом хозяйстве [Текст] / Душанбе: «Адабиёти бачагона», 2020. – 184 с.

[2-А] Содикзода, П. Экономические санкции в контексте трансформации современной мировой экономики [Текст] / Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2025. – 300 с.

### Публикации в изданиях, включенных в Перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий, рекомендуемых ВАК при Президенте Республики Таджикистан

[3-А] Содикзода, П. Санкции в системе мировых хозяйственных связей [Текст] / П. Содикзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2015. – №2/2 (161). – С. 181-186.

[4-А] Содикзода, П. Политико-экономические проблемы развития интеграционных процессов на постсоветском пространстве [Текст] / П. Содикзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия

социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2020. – № 5. – С. 148-154.

[5-А] Содикзода, П. Косвенное влияние международных экономических санкций для третьих стран (на примере ЕАЭС) [Текст] / П. Содикзода // Таджикистан и современный мир. – Душанбе, 2020. – №4 (72). – С. 200-208.

[6-А] Содиқзода, П., Давлатова, Н.И. Консепсияҳои муосири амнияти иқтисодии мамлакат [Матн]/ П. Содиқзода, Н.И. Давлатова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, - Душанбе, 2021. - №4/2 (39). – саҳ. 35-41.

[7-А] Содикзода, П. Современное состояние внешнеэкономической безопасности Республики Таджикистан [Текст] / П. Содикзода // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – Душанбе, 2022. – №1(40). – С. 248-257.

[8-А] Содикзода, П. Исследование сущности санкций на основе санкционной политики США [Текст] / П. Содикзода // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – Душанбе, 2022. – №3(42). – С. 227-235.

[9-А] Содикзода, П., Икромов, Ф.Н., Кишваров, М.Дж. Место экономических санкций в современной системе международных отношений [Текст] / П. Содикзода, Ф.Н. Икромов, М.Дж. Кишваров // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – Бохтар, 2022. – №1/4, том 2 (104). – С. 180-186.

[10-А] Содикзода, П., Икромов, Ф.Н., Гаюров, Г.Х. Оценка экономических санкций в контексте глобализации [Текст] / П. Содикзода, Ф.Н. Икромов, Г.Х. Гаюров // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – Душанбе, 2022. – №1(45). – С. 82-88.

[11-А] Содикзода, П., Кишваров, М.Дж. Анализ этапов развития национальной конкурентоспособности [Текст] / П. Содикзода, М.Дж.

Кишваров // Таджикистан и современный мир. – Душанбе, 2023. – №1 (81). – С. 329-338.

[12-А] Содиксода, П., Кишваров, М.Дж. Анализ научных подходов к определению понятия «конкурентоспособность национальной экономики» [Текст] / П. Содиксода, М.Дж. Кишваров // Финансово-экономический вестник. – Душанбе, 2023. – №1(35). – С. 85-94.

[13-А] Содиксода, П., Икромов, Ф.Н., Кишваров, М.Дж. Обзор эффективности применения многосторонних санкций на примере санкционных мер по отношению к Ирану [Текст] / П. Содиксода, Ф.Н. Икромов, М.Дж. Кишваров // Вестник Технологического университета Таджикистана. – Душанбе, 2023. – №1 (52). – С. 170-179.

[14-А] Содиксода, П., Икромов, Ф.Н., Гаюров, Г.Х. Теоретические аспекты совершенствование конкурентоспособности банковской системы в современных условиях [Текст] / П. Содиксода, Ф.Н. Икромов, Г.Х. Гаюров // Государственное управление. – Душанбе, 2023. – №1 (60). – С. 69-77.

[15-А] Содиксода, П., Икромов, Ф.Н. Экономические санкции в контексте международного права [Текст] / П. Содиксода, Ф.Н. Икромов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2023. – №4/1. – С. 154-162.

[16-А] Содиксода, П. Роль международных экономических санкций в системе мирохозяйственных связей: теоретический анализ [Текст] / П. Содиксода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2024. – №9. – С. 137-145.

[17-А] Содиксода, П. Механизмы влияния экономических санкций на экономический рост подсанкционных стран [Текст] / П. Содиксода // Государственное управление. – Душанбе, 2024. – №4-1 (69). – С. 256-268.

[18-А] Содиксода, П. Эволюционный подход к анализу экономических санкций в системе международных отношений [Текст] / П. Содиксода // Экономика Таджикистана. – Душанбе, 2024. – №4. – С. 221-228.

[19-А] Содикзода, П. Классификация экономических санкций в системе мирохозяйственных связей [Текст] / П. Содикзода // Финансово-экономический вестник. – 2024. – № 3 (42). – С. 105-113.

[20-А] Содикзода, П., Саидмуродзода, Л.Х. Сущность и механизмы реализации экономических санкций в системе мирохозяйственных связей [Текст] / П. Содикзода, Л.Х. Саидмуродзода // Финансово-экономический вестник. – 2024. – № 4.2 (43). – С. 14-25.

[21-А] Содикзода, П. Анализ макроэкономических последствий международных экономических санкций для экономики Ирана [Текст] / П. Содикзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2025. – №2. – С. 26-38.

**В других изданиях**

[22-А] Содикзода, П. Санкции в системе мирохозяйственных связей [Текст] / П. Содикзода // Материалы международной научно-практической конференции «Проблемы устойчивости социально-экономического развития в условиях глобализации». – Душанбе, 2015. – №2/2 (161). – С. 223-225.

[23-А] Содикзода, П. Обеспечение внешнеэкономической безопасности Республики Таджикистан как приоритетное направление экономической политики [Текст] / П. Содикзода // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему: «Проблемы перехода к системе национальных счетов и совершенствование методологии расчета статистических показателей». – Душанбе, 2019. – С. 422-427.

[24-А] Содикзода, П. Внешнеэкономическая безопасность Республики Таджикистан [Текст] / П. Содикзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни ДМТ бахшида ба “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, солҳои 2019-2021”, “400 солагии Миробид Сайидои Насафӣ”. – Душанбе, 2019. – 406 саҳ.

[25-А] Содиқзода, П. Обеспечение внешнеэкономической безопасности Таджикистана как ответ на негативные вызовы глобализации [Текст] / П. Содиқзода // Маводи конференсии ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» – Ҷилди I. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2020. – 400 саҳ.

[26-А] Содиқзода, П., Давлатова, Н.И. Современные концепции экономической безопасности страны [Текст] / П. Содиқзода, Н.И. Давлатова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Механизмҳои молиявию қарзии татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 18-уми феврали соли 2022). – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2022. – С. 249-257.

[27-А] Содиқзода, П. Современное состояние внешнеэкономической безопасности Республики Таджикистан [Текст] / П. Содиқзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Омилҳои берунииқтисодии татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 5-уми майи соли 2022). – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2022. – С. 19-28.

[28-А] Содиқзода, П. Теоретические подходы к изучению международных экономических санкций [Текст] / П. Содиқзода // Сборник научных трудов международной научно-практической конференции на тему «Финансовое регулирование устойчивого инновационно-индустриального развития экономики Республики Таджикистан в условиях глобализации» (Душанбе, 1-го октября 2024). – Душанбе: Типография ТНУ, 2024. – С. 549-554.

[29-А] Содиқзода, П. Обзор теоретических подходов к изучению экономических санкций [Текст] / П. Содиқзода // Материалы международной научно-практической конференции на тему «Цифровизация государственного

и местного управления: организационные и экономические аспекты» (Душанбе, 21-го февраля 2025). – Душанбе: Типография ТНУ, 2025. – С. 15-25.

[30-А] Содикзода, П. Экономические санкции как фактор дестабилизации и реорганизации глобальных цепочек добавленной стоимости в условиях многополярного мира [Текст] / П. Содикзода // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Вопросы совершенствования деятельности кредитных организаций в условиях перехода к цифровой экономике» (Душанбе, 1-го марта 2025). – Душанбе: Типография ТНУ, 2025. – С. 28-37.

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД: 339.9**

**ТБК: 65.5я73**

**С63**

**СОДИҚЗОДА ПАРВИЗ**

# ТАҲРИМҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИҚТИСОДӢ ДАР НИЗОМИ МУОСИРИ РОБИТАҲОИ ХОҶАГИИ ҶАҲОНӢ. НАЗАРИЯ, МЕТОДОЛОГИЯ ВА АМАЛИЯ

**АВТОРЕФЕРАТ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ

аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳон

Душанбе – 2025

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

| | |
|---|---|
| **Мушовири илмӣ:** | **Саидмуродзода Лутфулло Ҳабибулло** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, мудири шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Асрорзода Убайдулло Саттор** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон |
| | **Садриддинов Манучехр Исломиддинович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, мудири шуъбаи кор бо хонандагони Академияи хурди илмҳои Тоҷикистон дар назди Раёсати АМИТ |
| | **Алиджанов Джамшед Абдукаюмович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров |
| **Муассисаи пешбар:** | **Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** |

Ҳимояи диссертатсия санаи 11 октябри соли 2025 дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии № 8, E-mail: Shuro004@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992) 90-242-66-55.

Бо диссертатсия дар китобхона ва сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон http://www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___»_______________2025 сол фиристода шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Гулов Ш. М.**

**Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ**

- CGE – мувозинати умумии иқтисодии ҳисобшаванда;
- G7 – гурӯҳи ҳафтгонаи кишварҳои пешрафта;
- SVAR – авторегрессияи вектории сохторӣ;
- КАС – комплекси агросаноатӣ;
- АСЕАН – Ассотсиатсияи давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ;
- БРИКС – иттиҳоди байнидавлатӣ, иттиҳоди даҳ давлат (Бразилия, Русия, Ҳиндустон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ, Эрон, Миср, Аморати Муттаҳидаи Араб, Ҳабашистон ва Индонезия);
- ММД – маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ;
- ҲҲИМ — Ҳамкории ҳамаҷонибаи иқтисодии минтақавӣ;
- СУС – Созмони умумиҷаҳонии савдо;
- ЗҶАИ – занҷираҳои ҷаҳонии арзиши иловашуда;
- ИА — Иттиҳоди Аврупо;
- ММҶ — маҷмӯи маҳсулоти ҷаҳонӣ;
- ХБА – Хазинаи байналмилалии асъор;
- МЕРКОСУР **–** Бозори умумии ҷанубӣ**;**
- КТИТК – корҳои таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибавию конструкторӣ;
- СҲИ – Созмони ҳамкории исломӣ;
- СММ – Созмони Милали Муттаҳид;
- СМХ – сармоязгуориҳои мустақими хориҷӣ;
- БҚХ – баробарии қобилияти харидорӣ;
- ША СММ – Шӯрои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид;
- МОИ — минтақаҳои озоди иқтисодӣ;
- ШФМ – ширкатҳои фаромилӣ;
- СҲШ – Созмони ҳамкории Шанхай;
- ЮНКТАД – Конфронси СММ оид ба савдо ва рушд

# МУҚАДДИМА

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот аз нақши рӯзафзуни таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ дар таҳаввули муносибатҳои хоҷагии ҷаҳонӣ ва сохтори иқтисодиёти ҷаҳон бармеояд. Дар шароити афзоиши ихтилофҳои геосиёсӣ, абзорҳои таҳримӣ на танҳо ҳамчун механизми фишори сиёсӣ, балки ҳамчун омилҳои мураккабе, ки метавонанд сохтори бозори ҷаҳониро ба таври қатъӣ тағйир дода, ҷараёнҳои сармоягузориро ба самтҳои нав равона созанд ва ба стратегияҳои ҳамкории байналмилалӣ таъсири назаррас расонанд, баромад менамоянд. Бо назардошти он ки таҳримҳои иқтисодӣ ба яке аз пешбарандаҳои асосии ташаккули низоми муосири робитаҳои хоҷагии ҷаҳон табдил ёфтаанд, омӯзиши амиқи асосҳои назариявӣ ва равишҳои методологии онҳо аҳамияти махсус пайдо менамояд. Дар ин замина, муайян намудани қонуниятҳои таъсири чораҳои таҳримӣ ба ҷанбаҳои гуногуни иқтисодиёти ҷаҳон, аз ҷумла савдо, соҳаи молия ва равандҳои сармоягузорӣ, барои рушди воситаҳои муносиб ва муассири вокуниш ба чолишҳои рӯзафзун зарур мебошад.

Бояд таъкид намуд, ки абзорҳои таъсири таҳримӣ хусусияти статикӣ надоранд: таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ мутобиқ ба динамикаи равандҳои сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳонӣ рушд меёбанд. Ин ҳолат зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи стратегияҳои мутобиқшавӣ ва тадбирҳои сиёсати иқтисодиро ба миён меорад, ки ба давлатҳо имконият медиҳанд ба шиддатёбии фишори таҳримӣ ба таври самаранок посух гӯянд. Дар доираи ин диссертатсия таваҷҷуҳи махсус ба он равона гардидааст, ки давлатҳои зери таҳдид ё амали таҳримҳо чӣ гуна стратегияҳои бақо ва рушд — аз ҷумла диверсификатсияи истеҳсолот, бознигарии бозорҳои содиротӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ — ташаккул медиҳанд. Чунин тадбирҳо на танҳо устувории иқтисодиёти миллиро тақвият мебахшанд, балки ба ташаккули низоми нави муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ мусоидат мекунанд, ки дар он таҳримҳо ва аксултаҳримҳо нақши назаррас доранд.

Мубрамияти таҳқиқот дар иртибот ба иқтисодиёти кушодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хусусиятҳои сохтории хоси хоҷагии миллӣ маншаъ мегирад, ки дар ҳолати сар задани таконҳои берунӣ дар шакли тавсеаи тадбирҳои таҳримӣ дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ метавонанд ба санҷишҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ шаванд. Осебпазирии иқтисодиёти хурди кушода дар шароити нооромии ҷаҳонӣ зарурати таҳия ва татбиқи механизмҳои самараноки ҳимоя ва мутобиқшавиро ба миён мегузорад. Сухан дар бораи ташкили фазои институтсионалии мусоид, дастгирии соҳаҳои калидии бахши воқеии иқтисод, таъмини суботи молиявӣ ва ҳавасмандгардонии инноватсия меравад. Дар ҳамин замина, таҳлили ҳамаҷонибаи таҷриба ва равишҳои ташаккули стратегияҳои мутобиқшавӣ дар шароити фишори таҳримӣ аҳамияти махсус пайдо менамояд, зеро чунин таҳлил на танҳо сатҳи омодагии иқтисодро ба зарбаҳои берунӣ арзёбӣ мекунад, балки дар дурнамо қобилияти рақобатпазирии онро низ баланд мебардорад. Дар паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд, ки “...нооромиву низоъҳо дар минтақаҳои гуногуни олам, шиддат гирифтани мухолифатҳои сиёсӣ ва таҳримҳо миёни кишварҳои абарқудрат, мусаллаҳшавии бошитоб, «ҷанги сард», тағйирёбии иқлим, инчунин, канда шудани занҷираҳои таҳвили молу маҳсулот ва дигар омилҳои берунӣ моро водор месозанд, ки барои пешгирӣ кардани таъсири манфии онҳо ба иқтисодиёти кишвар тадбирҳои саривақтӣ андешем” [16].

Ҳамин тариқ, таҳқиқи ҳаматарафаи таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ, ки ҳам ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва ҳам таҳлили таъсири амалии онҳоро ба сохтори иқтисодиёти ҷаҳонӣ фаро мегирад, барои илми муосир аҳамияти фавқулода пайдо мекунад. Натиҷаҳои чунин таҳқиқот заминаи илман асоснокро барои ислоҳи сиёсати иқтисодӣ, такмили механизмҳои ҳамкории байналмилалӣ ва тарҳрезии стратегияҳои мутобиқшавӣ фароҳам меоранд, ки дар маҷмӯъ ба устуворсозӣ ва рушди

низоми хоҷагии ҷаҳон дар шароити тағйирёбандаи вазъи геосиёсӣ мусоидат менамоянд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмии** таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ аз аҳамият ва бисёрҷабҳагии ин падида дар воқеиятҳои геосиёсӣ ва иқтисодии муосир маншаъ мегирад. Дар солҳои охир ба омӯзиши механизмҳои таҳримӣ таваҷҷуҳи назаррас зоҳир мегардад, зеро нақши онҳо дар низоми муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ боз ҳам афзудааст. Омӯзиши таҳримҳо доираи васеи самтҳои илмиро фаро мегирад, аз ҷумла иқтисоди сиёсӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҷуғрофияи иқтисодӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ. Олимони хориҷӣ фаъолона моделҳои назариявии сиёсатҳои мутобиқшавиро таҳия намуда, самаранокии таҳримҳоро арзёбӣ мекунанд ва таъсири онҳоро ба иқтисодиёти миллӣ ва бозорҳои ҷаҳонӣ таҳлил менамоянд. Олимони ватанӣ низ ба масъалаи таҳримҳои иқтисодӣ таваҷҷуҳи махсус медиҳанд, аммо сатҳи таҳқиқ ва коркарди он то ҳол нокифоя боқӣ мондааст.

Олимони ғарбӣ дар тадқиқи таҳримҳои иқтисодӣ саҳми назаррас гузошта, василаҳои гуногуни баҳодиҳии таъсир ва самаранокии онҳоро таҳия намудаанд. Асарҳои муҳаққиқоне чун Гэри К. Хаффбауэр, Роберт А. Пейп, Дэниел В. Дрезнер, Т. Клифтон Морган ва Навин Бапат ба омӯзиши самаранокии таҳримҳои иқтисодӣ бахшида шудаанд. Дэвид А. Болдуин ва Ричард Н. Хаасс истифода ва нақши таҳримҳои иқтисодиро дар сиёсати хориҷӣ таҳқиқ менамоянд. Лиза Л. Мартин, Ҷорҷ А. Лопес ва Д. Кортрайт ба таҳлили таҳримҳои бисёрҷониба ва нақши созмонҳои байналмилалӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Томас Ҷ. Бирштекер таҳримҳои ҳадафманд ва равишҳои муосири татбиқи онҳоро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. П. Андреас ва М. Брзоска паёмадҳои ғайримақсаднок ва таъсирҳои иловагии таҳримҳоро баррасӣ намудаанд. Ҷонатан Д. Киршнер баҳодиҳии таҳримҳои молиявиро анҷом дода, Э. Гартске иқтисодиёти сиёсии таҳримҳо ва нақши онҳоро дар низоъҳои байналмилалӣ меомӯзад.

Ин олимон намояндагони эътирофшудаи мактаби академии Ғарб дар соҳаи омӯзиши таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ ба шумор мераванд.

Осори онҳо ба дарки механизми амали таҳримҳо, шароити самаранокии онҳо ва таҳияи равишҳои назариявию амалӣ барои татбиқи чунин чораҳо таъсири ҳалкунанда расондаанд. Муаллифон аз усулҳои методологии гуногун — аз таҳлили омории додаҳои таърихӣ то сохтани моделҳои назариявӣ ва таҳқиқи амиқи ҳолатҳои мушаххас — истифода бурда, ба фаҳмиши ҳамаҷонибаи ин падидаи мураккаб дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ мусоидат мекунанд.

Дар илми иқтисодии Русия омӯзиши таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ мавқеи бузургро ишғол мекунад, зеро зарурати мутобиқ кардани иқтисоди миллии кишвар ба шароити таҳримӣ ва таҳияи стратегияҳои самарабахши муқовимат ба миён омадааст. Осори муҳаққиқони маъруфи рус, аз қабили С. Ю. Глазев, А. А. Динкин, В. Л. Иноземсев ва Н. И. Иванова, ба таҳлили таъсири таҳримҳо ба иқтисодиёти Русия ва роҳу усулҳои мутобиқшавии он бахшида шудаанд. С. А. Караганов, Ф. А. Лукянов, Д. В. Тренин, М. В. Братерский ва Т. В. Бордачёв таъсири таҳримҳоро ба муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии Русия меомӯзанд. С. М. Рогов ва В. Н. Гарбузов ба таҳқиқи паёмадҳои таҳримҳо дар равобити Русия ва ИМА тамаркуз менамоянд, дар ҳоле ки Е. Г. Арбатова ва И. И. Максимичев паёмадҳои онҳоро дар равобити Русия ва Иттиҳоди Аврупо таҳлил мекунанд. А. Н. Домрин ҷанбаҳои ҳуқуқии таҳримҳоро баррасӣ менамояд, дар ҳоле ки Я. М. Миркин ва И. Ю. Юргенс таъсири онҳоро ба бозорҳои молиявӣ ва иқлими сармоягузорӣ меомӯзанд. Е. Г. Ясин, В. А. Мау, С. К. Дятлов ва дигарон масъалаҳои марбут ба таҳримҳоро ба таври ғайримустақим дар партави вазъияти умумии иқтисодӣ матраҳ месозанд.

Мактаби русии таҳқиқи таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ бо тамаркузи худ ба манфиатҳои миллӣ ва хусусиятҳои иқтисодиёту сиёсати Русия фарқ мекунад. Дар шароити татбиқи таҳримҳо алайҳи Русия муҳаққиқони рус пеш аз ҳама ба таҳлили таъсири онҳо ба иқтисодиёти миллӣ, бозорҳои молиявӣ, иқлими сармоягузорӣ ва суботи иҷтимоиву сиёсӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд.

Хусусияти калидии таҳқиқоти олимони рус дар он ифода меёбад, ки онҳо ба таҳияи тавсияҳои амалӣ барои мутобиқсозии иқтисодиёт ба режими таҳримӣ, тарҳрезии стратегияҳои воридотивазкунӣ, диверсификатсияи робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ва таҳкими амнияти иқтисодӣ равона мегарданд. Иқтисоддонҳо ва коршиносони молиявии рус механизмҳои коҳиш додани паёмадҳои манфии таҳримҳоро меомӯзанд, таъсирҳои макроиқтисодӣ ва микроиқтисодиро таҳлил менамоянд ва дурнамои рушди иқтисодиро дар шароити нав арзёбӣ мекунанд.

Умуман, мактаби русии омӯзиши таҳримҳо ба дарки амиқи таъсири мураккаби онҳо ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти кишвар ва таҳияи стратегияҳои мукаммал равона шудааст, то дар шароити фишори берунӣ рушди устувор ва таҳкими соҳибихтиёрӣ таъмин карда шавад.

Ҳамчунин бояд муҳаққиқони чинӣ, аз ҷумла Ван Шу, Ҷян Ҷисон, Ван Ҳунсин, Лю Ҷянпин ва дигаронро зикр кард, ки ҳангоми таҳқиқи таҳримҳои иқтисодӣ онҳоро ҳамчун абзори сиёсати иқтисодии давлат баррасӣ намуда, масъалаи мутобиқати тадбирҳои татбиқшаванда ба меъёрҳои СУС, манфиатҳои миллӣ ва прагматикаи муносибатҳои дуҷониба муҳим мешуморанд.

Саҳми камназири худро ба омӯзиши таҳримҳои иқтисодӣ инчунин муҳаққиқони эронӣ, ба мисли Нодир Ҳабибӣ, М. Ҳошим Писарон, Фирӯз Шерозӣ, Карим Озарбойҷонӣ, Муртазо Самитӣ ва дигарон гузоштаанд. Анъанаи тадқиқотии Эрон дар масъалаи таҳримҳо ба таҳлили эмпирикии паёмадҳои чораҳои маҳдудкунанда барои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва иҷтимоӣ, инчунин ба таъсирҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии онҳо дар дохили кишвар тамаркуз менамояд.

Дар муҳити илмии ватанӣ тадқиқот дар соҳаи таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ дар марҳилаи рушди фаъол қарор доранд. Аз ҷумла, ба мавзӯи таҳримҳои иқтисодӣ асарҳои муҳаққиқони ватанӣ, аз қабили Ф. С. Холбобоев, Б. М. Шарипов, Т. Н. Алиев, З. М. Нурмахмадов ва дигарон бахшида шудаанд, ки пеш аз ҳама паҳлуҳои гуногуни таъсири ғайримустақими таҳримҳое, ки

нисбат ба Федератсияи Русия ҷорӣ гардидаанд, ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор медиҳанд. Илова бар ин, муҳаққиқи дигари ватанӣ — Д. Ш. Сангинзода — таҳлили ҳуқуқии таҳримҳои иқтисодии байналмилалиро дар заминаи фаъолияти соҳибкорӣ анҷом додааст.

Дар маҷмӯъ, дараҷаи омӯзиши ҷанбаҳо ва мушкилоти илмии таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ дар низоми муосири робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ ҳаҷман назаррас буда, бо дарназардошти мураккабӣ ва бисёрпаҳлӯии паёмадҳои ин падида мунтазам рушд ёфта истодааст. Тадқиқоти олимони кишварҳои ғарбӣ ва Русия ба дарки амиқтари паҳлӯҳои назариявӣ ва механизмҳои амалии мутобиқшавии субъектҳои иқтисодӣ ба шароити фишори таҳримӣ мусоидат менамояд. Бо вуҷуди ҳаҷми мавҷуди таҳқиқоти анҷомёфта, зарурати идомаи омӯзиши таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ аз хусусияти доимо тағйирёбандаи онҳо, такомули усулҳо ва абзорҳои таъсир, инчунин аз воқеиятҳои нави иқтисодию сиёсии байналмилалӣ бармеояд. Тадқиқоти минбаъда дар ин замина ба дарки амиқтари механизмҳои сиёсати таҳримӣ дар низоми муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, баҳодиҳии самаранокии он ва таҳияи стратегияҳои муассири мутобиқшавӣ мусоидат намуда, барои таъмин кардани устуворӣ ва рақобатпазирии иқтисодҳои миллӣ дар шароити чолишҳои ҷаҳонӣ аҳамияти сарнавиштсоз дорад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Тадқиқоти диссертатсионӣ бар асоси муқаррароти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025, Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030, Барномаи давлатӣ оид ба рушди содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025, Барномаи савдои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029, Барномаи давлатии рушди низоми логистика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028, Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, Барномаи давлатии рушди илмию инноватсионӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027, Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027, инчунин Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030 анҷом ёфтааст.

Кор тибқи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ, ки дар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025» муайян шудаанд, амалӣ гардидааст. Ҳамзамон он дар доираи мавзӯъҳои илмии кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — «Механизми таъмини манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ» (2016–2020) ва «Механизми таъмини манфиатҳои берунииқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ» (2021–2025) — иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ** иҷрои таҳлили мукаммали назариявию методологии таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ, ошкор сохтани механизмҳо ва паёмадҳои иқтисодии онҳо барои иқтисодиёти ҷаҳон, инчунин таҳияи тавсияҳои илман асоснок оид ба ташаккули стратегияҳои мутобиқшавӣ ва пешгирикунандаи самаранок мебошад, ки хусусиятҳои сохтории хоҷагиҳои миллӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба инобат мегиранд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ҳадафи гузошташудаи таҳқиқоти диссертатсионӣ иҷрои вазифаҳои зерин зарур мебошад:

– ошкор намудани асосҳои назариявию методологии таҳқиқи таҳримҳои иқтисодӣ дар муносибатҳои иқтисодии байналмилалии муосир;

– таҳияи таснифоти сохтории таҳримҳои иқтисодӣ дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ бо ба низом даровардани навъҳо ва принсипҳои амалияи асосии онҳо;

– таҳлили таҳаввул ва тамоюлҳои муосири сиёсати таҳримӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бисёрқутбии иқтисодиёти ҷаҳон;

– омӯзиши механизмҳои таъсири таҳримҳои иқтисодӣ ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва сохтори иқтисодиёти миллӣ тавассути роҳҳои калидии интиқоли таъсири онҳо;

– ошкор кардани паёмадҳои иқтисодии татбиқи таҳримҳо барои табдилёбии сохтори муосири хоҷагии ҷаҳонӣ;

– истифодабарии моделсозии эконометрикӣ барои арзёбии ҳаҷм ва паёмадҳои таъсири таҳримҳои иқтисодӣ ба иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Федератсияи Русия);

– ба низом даровардан ва таҳлили стратегияҳои мутобиқшавии муваффақ ва номуваффақи давлатҳои зери таҳрим бо муайян кардани омилҳои натиҷабахши онҳо;

– омӯзиши шароити институтсионалӣ ва имкониятҳои такмили стратегияҳои мутобиқшавии давлатҳои зери таҳрим, инчунин асоснок кардани чораҳои стратегияи пешгирикунанда барои кишварҳое, ки дар шароити эҳтимолии хавфи таҳрим қарор доранд;

– баррасии хусусиятҳои сохтории иқтисодиёти миллии Тоҷикистон ва муайян кардани роҳҳои эҳтимолии таъсири мустақим ва ғайримустақими таҳримҳои иқтисодӣ;

– таҳияи механизмҳои амалӣ ва чораҳои пешгирикунанда, ки хавфҳои эҳтимолии таҳримиро коҳиш дода, ба таҳкими амнияти беруниқтисодӣ ва болоравии рақобатпазирии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

**Объекти таҳқиқот** таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ мебошанд, ки ҳамчун абзори таъсири беруниқтисодӣ дар фазои муосири робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ баромад мекунанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** муносибатҳо, равандҳо ва паёмадҳои иқтисодие мебошанд, ки дар натиҷаи татбиқи таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳон ба вуҷуд меоянд, инчунин

омилҳо ва механизмҳое, ки мутобиқшавӣ ва устувории иқтисодиёти миллӣ ба фишори таҳримиро муайян месозанд.

**Фарзияи таҳқиқот** чунин аст: таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ абзори динамикӣ ва бисёрҷабҳаи ҳамкории иқтисодии байналмилалӣ буда, тавассути тағйир додани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва роҳҳои калидии интиқоли таъсир ба нишондиҳандаҳои сохтории робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ таъсири назаррас мерасонанд. Дар шароити афзоиши танишҳои геосиёсӣ ва бисёрқутбии хоҷагии ҷаҳон таҳлили мукаммали таҳаввулоти режимҳои таҳримӣ, таснифи онҳо ва хусусиятҳои татбиқи ин чораҳо имкони ошкор намудани қонуниятҳои таъсири таҳримҳоро ба иқтисодиёти миллӣ, ки дорои дараҷаҳои гуногуни ҳамгироӣ дар ЗҶАИ ва гуногунрангии муҳити институтсионалӣ мебошанд, фароҳам меорад. Пешбинӣ мешавад, ки равиши ба низом даровардашудаи таҳлили принсипҳои амал ва арзёбии паёмадҳои иқтисодии таҳримҳо барои сохтори дохилии низомҳои хоҷагидории кишварҳо имкони муайян кардани на танҳо миқёс ва амиқии фишори таҳримиро медиҳад, балки омилҳои муайянкунандаи иқтидори мутобиқшавии давлатҳоро низ равшан менамояд.

Тадқиқоти ҳамаҷонибаи омилҳое, ки муваффақият ё нокомиҳои стратегияҳои мутобиқшавии давлатҳои зери таҳримро бо дарназардошти шароитҳои институтсионалӣ ва хусусиятҳои рушди иқтисодии онҳо муайян месозанд, имкони асоснок кардани маҷмӯи чораҳое, ки ба коҳиши хавфҳои таҳримӣ, таҳкими амнияти берунииқтисодӣ ва боло бурдани рақобатпазирӣ равона шудаанд, фароҳам меорад. Таҷрибаи кишварҳое, ки дар вазъи эҳтимолии хавфи таҳримӣ қарор доранд, аҳамияти хос дорад, зеро муайян намудани роҳҳои эҳтимолии таъсири мустақим ва ғайримустақими таҳримҳо заминаи таҳияи воситаҳои пешгирикунанда ва такмил додани сохтори иқтисодиёти миллӣ мегардад. Тасдиқи ин фарзия дар назар дорад, ки пайвасткунии илман асосноки методҳои макро- ва микротаҳлилӣ, таҳлили институтсионалӣ ва моделсозии эконометрикӣ ба ташаккули тавсияҳои

самараноки мутобиқшавӣ ба фишори таҳримӣ ва баланд бардоштани устувории низомҳои хоҷагидории миллӣ имконият фароҳам меорад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ нуқтаҳо ва консепсияҳои бунёдие ташкил медиҳанд, ки дар осори илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, бахшида ба масоили таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ, амнияти берунииқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ дар маҷмӯъ таҳия шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** бар равиши мукаммал асос меёбанд, ки таҳлили низомӣ, институтсионалӣ, эконометрикӣ, таърихӣ ва таҳаввулотиро дар бар гирифта, имкони ҳамаҷониба арзёбӣ намудани таъсири таҳримҳои иқтисодии байналмилалиро ба сохтор ва динамикаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ фароҳам меорад. Истифодаи усулҳои таҳлили низомӣ ва муқоисавӣ дар ҳамбастагӣ бо моделсозии иқтисодӣ-математикӣ, таҳлили регрессионӣ ва таҳлили сохторӣ баҳодиҳии микдории таъсири таҳримҳоро ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъмин менамояд. Истифодаи кейс-стадӣ, таҳлили ҳуқуқӣ, таърихӣ ва таҳаввулотӣ бошад имкони ошкор намудани хусусиятҳои стратегияҳои мутобиқшавии давлатҳо дар шароити фишори таҳримӣ, пайгирии таҳаввулоти таърихии механизмҳои таҳримӣ ва арзёбии тағйироти тадриҷии сохториро, ки аз ҷониби режимҳои таҳримӣ ба вуҷуд меоянд, фароҳам месозад.

Ҳамгироии равиши байнисоҳавӣ, ки усулҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ, таърихӣ ва таҳаввулотиро муттаҳид месозад, ба ташаккули дидгоҳи мукаммали падидаи таҳқиқшаванда ва ошкор кардани робитаҳои калидӣ миёни фишори берунииқтисодӣ дар низоми муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва табдилоти сохтории иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамояд. Чунин синтези абзорҳои методологӣ на танҳо эътибори натиҷаҳои эмпирикиро боло мебарад, балки имкони таҳияи тавсияҳои илман асоснокро ҷиҳати камсозии паёмадҳои манфии таҳримҳо, ба инобат гирифтани динамикаи инкишофи таърихӣ ва равандҳои мутобиқшавӣ, инчунин баланд

бардоштани устувории низомҳои иқтисодӣ дар шароити пайвастагии байналмилалӣ фароҳам меорад.

**Сарчашмаи маълумоти** таҳқиқотро санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва созишномаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои СММ, СУС, ИА, ҳамчунин қонунгузории миллии давлатҳое, ки таҳримҳоро истифода мебаранд ё зери онҳо қарор доранд, ташкил медиҳанд. Ин ҳуҷҷатҳо тартиби ҷорӣ ва татбиқи таҳримҳои иқтисодии байналмилалиро танзим мекунанд. Нақши муҳимро дар таҳқиқот маълумотҳои оморӣ доранд, ки аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ, ба мисли ХБА, Гурӯҳи Бонки Умумиҷаҳонӣ, СУС, инчунин хадамоти миллии омори кишварҳои зери фишори таҳримӣ қарор дошта пешниҳод шудаанд.

Нашрияҳои илмӣ, аз ҷумла монографияҳо, мақолаҳо, гузоришҳо ва таҳлилҳои олимони дохилию хориҷӣ, ки ба омӯзиши таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ, паёмадҳои онҳо ва стратегияҳои мутобиқшавӣ ихтисос ёфтаанд, пойгоҳи муҳими асосноккунии назариявии хулосаҳои таҳқиқот маҳсуб мешаванд. Гузоришҳои таҳлилӣ ва хулосаҳои коршиносони марказҳои таҳлилӣ, ширкатҳои консалтингӣ ва пажӯҳишгоҳҳо маълумоти мубрамро оид ба паёмадҳои таҳримҳо барои соҳаҳои гуногуни иқтисод ва робитаҳои берунииқтисодӣ пешниҳод намуда, адабиёти илмиро бо мушоҳидаҳои эмпирикӣ ғанӣ мегардонанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Кори диссертатсионӣ дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар солҳои 2019–2025 иҷро шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти** диссертатсионӣ дар таҳияи равиши мукаммал ба таҳлили таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ ҳамчун абзори фишори берунииқтисодӣ дар низоми муосири робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ, инчунин дар сохтани модели муттаҳидшудаи методологӣ барои баҳодиҳии таъсири онҳо ба иқтисодиёти миллӣ ва иқтисодиёти ҷаҳон ифода меёбад, ки имкони ошкор намудани қонуниятҳои калидии таъсири таҳримӣ ва

механизмҳои мутобиқшавии давлатҳоро дар шароити пайвастагии байналмилалӣ фароҳам меорад.

Ба муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқот, ки навоварии илмии онро мутобиқи вазифаҳои гузошташуда муайян мекунанд, инҳо мансуб мебошанд:

1. Асосҳои назариявию методологии омӯзиши таҳримҳои иқтисодӣ дар муносибатҳои иқтисодии байналмилалии муосир ошкор карда шуданд, ки ин имкони таҳияи модели муттаҳидшудаи консептуалӣ, инъикоскунандаи хусусиятҳои режимҳои таҳримӣ дар шароити иқтисодиёти ҷаҳонии рақамӣ ва бисёрқутба фароҳам овард.

2. Таснифоти сохтории таҳримҳои иқтисодӣ дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ таҳия гардид, ки навъҳо ва принсипҳои асосии амали онҳоро ба низом даровард. Ин, ба навбаи худ, имкони фарқгузории муфассали чораҳои таҳримиро бо дарназардошти хусусияти бисёрсатҳаи онҳо фароҳам овард.

3. Таҳаввулот ва тамоюлҳои муосири сиёсати таҳримӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бисёрқутбии хоҷагии ҷаҳонӣ нишон дода шуданд, ки гузариши тадриҷӣ аз тадбирҳои оддии дуҷониба ба механизмҳои мураккаби бисёрсатҳаи фишори иқтисодиро инъикос менамояд.

4. Механизмҳои таъсири таҳримҳои иқтисодӣ ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва сохтори иқтисодиёти миллӣ тавассути роҳҳои калидии интиқоли таъсири онҳо омӯхта шуданд, ки коҳиши устувории макроиқтисодӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ошкор гардид.

5. Паёмадҳои иқтисодии татбиқи таҳримҳо барои табдили сохтори муосири хоҷагии ҷаҳонӣ ошкор шуданд, ки онҳо дар шакли азнавтақсимшавии ҷараёнҳои савдои байналмилалӣ, тағйири сохтори муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва суръат гирифтани минтақавишавии бозорҳои ҷаҳонӣ ифода меёбанд.

6. Моделсозии эконометрикӣ барои баҳодиҳии ҳаҷм ва паёмадҳои таъсири таҳримҳои иқтисодӣ ба иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Федератсияи Русия) истифода гардид, ки имкони миқдоран арзёбӣ намудани таъсири

зарбаҳои таҳримӣ ба нишондиҳандаҳои калидии макроиқтисодӣ ва таҳияи пешгӯиҳои сенариявиро фароҳам овард.

7. Стратегияҳои мутобиқшавии муваффақ ва номуваффақи давлатҳои зери таҳрим қарор дошта таҳлил ва ба низом дароварда шуданд, инчунин омилҳои натиҷабахши онҳо дар шакли тағйирёбандаҳои иқтисодӣ, технологӣ ва институтсионалӣ, ки ба самаранокии муқовимат ба фишори таҳримӣ таъсир мерасонанд, муайян гардиданд.

8. Шароитҳои институтсионалӣ ва имкониятҳои такмили стратегияҳои мутобиқшавии давлатҳои зери таҳрим қарор дошта ифшо гардида, инчунин чораҳои стратегии пешгирикунанда барои кишварҳое, ки дар ҳолати эҳтимолии хавфи таҳримӣ қарор доранд, асоснок карда шуданд.

9. Хусусиятҳои сохтори иқтисодиёти миллии Тоҷикистон ошкор ва роҳҳои эҳтимолии таъсири мустақим ва ғайримустақими таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ ба иқтисодиёти миллӣ муайян карда шуданд, ки ин ба муайян намудани дараҷаи эҳтимолии осебпазирӣ ва хавфҳои низомӣ дар шароити фишори эҳтимолии беруниқтисодӣ имконият фароҳам овард.

10. Механизмҳои амалии пешгирикунанда таҳия гардиданд, ки хавфҳои ғайримустақими таҳримиро коҳиш дода, ба таҳкими амнияти беруниқтисодӣ ва боло бурдани рақобатпазирии иқтисодиёти миллии Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Ин, ба навбаи худ, имкони коҳиши назарраси осебпазирии иқтисодиёт аз зарбаҳои берунӣ ва фароҳам овардани замина барои рушди устуворро таъмин хоҳад кард.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Дар натиҷаи таҳқиқот нуқтаҳои зерин аз ҷумлаи дастовардҳои илмии муаллиф пешниҳод карда мешаванд:

– таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ дар шароити муосир абзори бисёрсатҳаи фишори беруниқтисодӣ мебошанд, ки таҳлили байнисоҳавиро тақозо мекунанд ва аз доираи моделҳои либералии классикӣ ва неоклассикӣ берун мераванд. Онҳо на танҳо меъёрҳои савдои озодро таҳриф менамоянд, балки ҷанбаҳои сиёсӣ, институтсионалӣ, рафторӣ ва технологиро низ фаро

гирифта, муҳити мураккабу динамикии робитаҳои хоҷагии ҷаҳониро ташаккул медиҳанд. Ин, ба навбаи худ, татбиқи равиши муттаҳидшудаи бисёрсатҳаро барои муайян намудани механизмҳои воқеии таъсир ва таҳияи стратегияҳои самараноки вокуниш тақозо мекунад;

– таснифи низомии таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ, ки ба сохторбандии онҳо бар асоси нишонаҳои калидӣ асос ёфтааст, имкони ошкор намудани робитаҳои сабабу натиҷавиро миёни навъи таъсири таҳримӣ ва паёмадҳои он фароҳам меорад, ки заминаи таҳлилиро барои пешгӯии динамика ва баҳодиҳии самаранокии таҳримҳо таъмин мекунад. Сохторбандии дифференсиалии режимҳои таҳримӣ фаҳмиши мукаммали табиати бисёрсатҳавии онҳоро таъмин менамояд, ки на танҳо монеаҳои анъанавии савдо, балки маҳдудиятҳои молиявӣ, сармоягузорӣ ва технологиро, инчунин таъсири онҳо ба ҷараёнҳои савдо ва молияи байналмилалӣ дар бар мегирад;

– таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ дар муносибатҳои байнидавлатӣ, ки аз шаклҳои оддии муҳосира ва эмбарго дар даврони қадим то режимҳои бисёрсатҳаи бисёрҷониба дар фазои бисёрқутбаи муосири хоҷагии ҷаҳонӣ таҳаввул ёфтаанд, абзори динамикӣ ва сохтораш мураккаби маҷбурсозии беруниқтисодӣ бидуни зӯроварӣ ба шумор рафта, бар ҳамгироии мукаммали механизмҳои танзими савдо, молия, технология ва ҳуқуқ асос ёфтаанд. Нақши функсионалии онҳо аз доираи боздории классикӣ берун рафта, на танҳо пешгирии низоъҳои мусаллаҳона, балки таъмини рақобати геосиёсӣ, ҳимояи ҳуқуқи инсон ва татбиқи стратегияҳои рақобатии мамлакатҳои пешсафро дар бар мегирад. Ҳамзамон, ҷалби афзояндаи институтҳои фавқулмиллӣ ва истифодаи таҳримҳои дуюмдараҷа хавфи таъсири бурунмарзӣ ва чораҳои ҷавобиро зиёд менамояд;

– ҳамчун зарбаи экзогении бисёрҷабҳа, таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ ҳамзамон роҳҳои савдо, молиявӣ, сармоягузорӣ ва технологии таъсирро ба фаъолияти иқтисодиёти миллӣ фаро гирифта, боиси коҳиши тақозои ҷамъиятӣ, афзоиши фишори девалватсионӣ, болоравии мукофот

барои хавф ва аз даст рафтани манбаъҳои дастрас барои сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ мегарданд. Ҳамзамон, бозсозии сохторӣ ба нафъи соҳаҳои каммасрафи сармоя сурат мегирад, мушкилоти амнияти берунииқтисодӣ шиддат меёбад ва рақобатпазирӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ коҳиш меёбад, ки дар дурнамои дарозмуддат ба ақибмонии низомии давлатҳои зери фишори таҳрим қарор дошта ва ташаккули самти манфии рушди макроиқтисодии онҳо меорад;

– равандҳои иқтисодии ҷаҳонӣ сохтори бисёрқутбиро ташкил медиҳанд, ки бо рушди босуръати марказҳои нави байналмилалии иқтисодӣ ва иқтидори афзояндаи технологии онҳо фарқ мекунанд. Дар ин шароит, таҳримҳои иқтисодӣ ҳамчун абзори фишори геоиқтисодӣ амал карда, ба азнавтақсими захираҳои ҷаҳонӣ, ташаккули иттифоқҳои минтақавии алтернативӣ ва табдили ЗҶАИ мусоидат менамоянд. Дар натиҷа, рақобати геоиқтисодӣ шиддат мегирад ва механизмҳои устувори ҳамкориҳои байналмилалӣ тағйир меёбанд;

– истифодаи усулҳои пешрафтаи иқтисодӣ-математикӣ ва оморӣ (хусусан таҳлили вектории авторегрессионӣ), ки ҳамчун равиши мукаммал барои муайян намудани робитаҳои тарафайни динамикӣ миёни нишондиҳандаҳои калидии макроиқтисодӣ ва молиявӣ баромад менамояд, имкони таҳримҳоро на танҳо ҳамчун зарбаи экзогении табдилдиҳандаи фаъолияти умумии иқтисодӣ, ҷараёнҳои сармоягузорӣ ва хусусиятҳои соҳаи асъориву молиявӣ дар доираи иқтисоди миллӣ баррасӣ карданро медиҳад, балки ҳамзамон пешбинии сенариявиро таъмин намуда, масирҳои эҳтимолии рушди иқтисоди миллӣ дар шароити режимҳои гуногуни фишори таҳримиро муайян месозад;

– таҳлили муқоисавии стратегияҳои муқовимат ба фишори таҳримӣ дар як қатор кишварҳо нишон медиҳад, ки муваффақияти мутобиқшавӣ ба маҳдудиятҳои берунӣ бештар ба ҳаҷми пояи захиравӣ, қобилияти воридотивазкунии технологӣ ва мавҷудияти механизмҳои чандири сиёсати хориҷӣ барои ҳифз ё густариши роҳҳои маблағгузорӣ ва фурӯш вобаста аст. Дар сурати норасоии чунин омилҳо, таҳримҳои иқтисодии байналмилалии

дарозмуддат ба номутаносибии васеи иҷтимоӣ-иқтисодӣ меоранд, ҳол он ки захираҳои нисбатан зиёд ва чандирии институтсионалӣ имкон медиҳанд, ки паёмадҳои манфии маҳдудиятҳо то андозае сабук гарданд. Бо вуҷуди ин, дар дурнамои дарозмуддат, агар ислоҳоти сохтории низомӣ ва тавсеаи алоқаҳои байналмилалӣ амалӣ карда нашаванд, хавфи ақибмонии технологӣ ва сармоягузорӣ боқӣ мемонад;

– ташаккули устувории давлатҳо дар шароити зарбаҳои берунииқтисодии фишори таҳримӣ ва таҳдиди таҳримҳо тақозои ба таври низомӣ табдил додани механизмҳои идоракунӣ, меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва иқтисодии фаъолияти иқтисодиётҳои миллиро мекунад. Дар ин ҳолат, самаранокии стратегияҳои мутобиқшавӣ ва пешгирикунанда на ба маҷмӯи чораҳои маҳаллӣ, балки ба қобилияти давлат дар ташаккули сохтори комили амнияти иқтисодӣ вобаста аст, ки дар он ҳамоҳангии институтсионалӣ, ташаббускории стратегӣ ва чандирии сиёсати берунииқтисодӣ шароите фароҳам меоранд, то на танҳо осебпазирӣ ба маҳдудиятҳои берунӣ коҳиш ёбад, балки рақобатпазирии миллӣ дар дурнамои дарозмуддат ба таври устувор тақвият ёбад;

– эҳтимолияти осебпазирии таҳримии хоҷагии Тоҷикистон дар зери таъсири маҷмӯи омилҳои мутақобилан алоқаманд зоҳир мегардад, аз ҷумла вобастагии хатарнок аз воридоти манбаъҳои энергетикӣ, маҳсулоти озуқаворӣ ва маҳсулоти технологӣ, диверсификатсияи маҳдуди пояи содиротӣ, ноустувории институтсионалии бахши молиявӣ ва ҳиссаи баланди интиқолҳои пулии хориҷӣ дар ташаккули қисмати даромади хонаводаҳо. Асимметрияи сохтории робитаҳои берунииқтисодии кишвар, вобастагии яктарафа аз самтҳои алоҳидаи савдову логистикӣ ва сатҳи маҳдуди захираҳои асъорию сармоягузорӣ хусусияти мултипликативии таъсири эҳтимолии таҳримиро пешакӣ муайян мекунад. Ин таъсир метавонад тавассути роҳҳои гуногуни таъсир ба иқтисоди миллӣ зуҳур ёфта, хавфҳои низомиро барои устувории макроиқтисодӣ, занҷираҳои такрористеҳсолӣ ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ба вуҷуд оварад;

– таҳия ва институтсионаликунонии низоми бисёрсатҳаи вокуниши пешгирикунанда ба таҳдидҳои эҳтимолии таҳримӣ метавонад ба диверсификатсияи стратегии ҷараёнҳои содиротию пардохтӣ, ташаккули механизмҳои молиявию ҳисоббаробаркунии алтернативӣ, инкишофи технологии новобаста аз воридот ва ҳамгироӣ ба занҷирҳои истеҳсоливу логистикии мамнӯънабуда такя кунад, ки шарти зарурии таъмини амнияти берунииқтисодии иқтисоди кушода, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва такрористеҳсоли устувори рақобатпазирии он дар шароити авҷгирии ноустувории сиёсати хориҷӣ ва табдилёбии низоми ҷаҳонии назорати содиротӣ маҳсуб меёбад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар рушд ва амиқсозии асосҳои назариявии дарки таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ ҳамчун абзори мураккабу бисёрҷабҳаи фишори беруниқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бисёрқутбии иқтисодиёти ҷаҳонӣ ифода меёбад. Дар таҳқиқот равишҳои мавҷуда ба низом дароварда шуда, таснифи нави фарогир пешниҳод гардидааст, ки ба таври дақиқтар нақши таҳримҳоро дар муносибатҳои байналмилалии муосир арзёбӣ карда, механизмҳои таъсири онҳо ба иқтисодиёти миллӣ ва хусусиятҳои мутобиқшавии кишварҳо ба фишори таҳримиро ошкор менамояд. Натиҷаҳои илмии ба дастомада фаҳмиши равандҳое, ки дар шароити таъсири таҳримӣ ҷараён мегиранд, тавсеа дода, заминаи боэътимод барои таҳияи моделҳои нави баҳодиҳии миқдории паёмадҳои таҳрим ва такмили консепсияҳои стратегияҳои мутобиқшавӣ фароҳам меоранд. Ин, дар маҷмӯъ, назарияи муносибатҳои байналмилалии иқтисодиро амиқ намуда, ба инкишофи минбаъдаи равишҳои илмии омӯзиши тадбирҳои таҳримӣ ва таъсири онҳо ба низоми иқтисодии ҷаҳон мусоидат мекунад.

**Аҳамияти амалии** кори диссертатсионӣ дар таҳияи тавсияҳои илман асоснокшуда оид ба ташаккул ва татбиқи сиёсати иқтисодӣ дар шароити таъсири зарбаҳои беруниқтисодӣ, ба монанди таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ ё хавфҳои эҳтимолии пайдоиши онҳо, ифода меёбад. Ин

тавсияҳо метавонанд аз ҷониби мақомоти давлатӣ, корхонаҳо ва дигар субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ барои баланд бардоштани устуворӣ ва мутобиқшавӣ ба фишори таҳримӣ истифода шаванд. Дар кори мазкур чораҳои мушаххас оид ба диверсификатсияи робитаҳои берунииқтисодӣ, рушди соҳаҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳим, таҳкими амнияти берунииқтисодӣ, инчунин татбиқи тадбирҳои пешгирикунанда, ки ба камсозии таъсири манфӣ ва ғайримустақими таҳримҳои иқтисодӣ ба иқтисодиёти хурду кушодаи Тоҷикистон нигаронида шудаанд, пешниҳод гардидаанд. Ин, ба навбати худ, ба мустаҳкамшавии рақобатпазирӣ ва суботи кишвар дар шароити ноустувории иқтисодиёти ҷаҳонӣ мусоидат менамояд.

Маводҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Иқтисодиёти ҷаҳонӣ», «Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ», «Ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ», «Савдои байналмилалӣ», «Сармоягузориҳои байналмилалӣ», «Иқтисодиёти байналмилалӣ» ва дигар фанҳо ба таври самаранок истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия** бо истифодаи усулҳои муосир ва санҷидашудаи таҳлили иқтисодӣ-математикӣ ва оморӣ, асоснокии равишҳои назариявӣ, инчунин ҷалби манбаъҳои боэътимоди маълумот, аз ҷумла маводи расмии омории ташкилотҳои байналмилалӣ ва хадамоти миллии омор таъмин мегардад. Меъёри намояндагии иттилооти ҷамъовардашуда, таҳлили интиқодӣ ва санҷиши натиҷаҳо тавассути таҳлили муқоисавии стратегияҳои мутобиқшавии кишварҳои зери фишори таҳримӣ ба объективияти хулосаҳо мусоидат намуда, асоснокӣ ва боэътимодии илмии онҳоро тасдиқ мекунад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерин аз Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ мутобиқат мекунад: 27. Амнияти иқтисодии миллӣ ва байналмилалӣ. Асосҳои назариявӣ ва методологии таъмини амнияти иқтисодии хориҷии

Ҷумҳурии Тоҷикистон; 8. Таҳаввулоти механизми хоҷагии ҷаҳонӣ. Танзими равандҳои иқтисодӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ. Ҳамоҳангсозии байналмилалии сиёсати иқтисодӣ. Таъмин ва шаклдигаркунии истиқлолияти иқтисодӣ; 7. Баҳамвобастагии байналмилалии иқтисодӣ. Таъмини инкишофи устувори иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ. Стратегияҳои миллии инкишофи иқтисодӣ; 11. Тиҷорати байналмилалӣ ва механизмҳои танзими он; 4. Байналмилалишавии ҳаёти хоҷагидорӣ. Ҷаҳонишавии фаъолияти иқтисодӣ, омилҳо, марҳилаҳо, самтҳо ва шаклҳои он. Баҳамтаъсиррасонии ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонишавии иқтисодӣ; 1. Хоҷагии умумиҷаҳонӣ, сохтори он, қонуниятҳо ва тамоюлҳои муосири рушди он. 2. Назарияҳои рушди хоҷагии ҷаҳонӣ ва муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ. Таҳлил ва арзёбии консепсияҳои муосир.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар иштироки бевоситаи ӯ дар тамоми марҳилаҳои кор, аз ҷумла асосноккунии мубрамияти масъала, таҳияи ҳадаф ва вазифаҳо, коркарди нуқтаҳои назариявӣ ва методологӣ, инчунин баёни тавсияҳо ва хулосаҳо ифода меёбад. Довталаб мустақилона таҳримҳои иқтисодии байналмилалиро мураттаб ва тасниф намуда, механизмҳои калидии таъсири онҳоро ба иқтисодиёти миллӣ муайян кардааст ва равишҳои методологиро барои баҳодиҳии миқдории паёмадҳои фишори таҳримӣ бо истифода аз моделҳои иқтисодӣ-математикӣ таҳия намудааст. Консепсияи назариявие пешниҳод шудааст, ки хусусиятҳои устувории иқтисодиёти миллӣ дар шароити эҳтимолии фишори таҳримиро ошкор намуда, зарурати ташаккули стратегияҳои мутобиқшавиро асоснок мекунад. Муаллиф ҳамчунин таҳлили ҷанбаҳои ҳуқуқии сиёсати таҳримиро анҷом дода, механизмҳои ҳифзи манфиатҳои иқтисодии кишварҳои объекти таҳримҳоро дар арсаи байналмилалӣ асоснок кардааст. Таваҷҷуҳи махсус ба таҳияи чорабиниҳои пешгирикунанда барои иқтисодиёти миллии Тоҷикистон ҷиҳати боло бурдани рақобатпазирӣ ва таҳкими амнияти беруниқтисодӣ дар шароити маҳдудиятҳои эҳтимолии беруниқтисодӣ дода шудааст, ки

муҳимияти саҳми муаллифро дар рушди назария ва амалияи муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ таъкид менамояд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот ва нуқтаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар як қатор конфронсҳо ва семинарҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ (солҳои 2020–2025) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ шуда, баҳои мусбат гирифтаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Дар асоси маводҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф 30 кори илмӣ, аз ҷумла ду монография ва 19 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмие, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, нашр гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, панҷ боб, понздаҳ зербоб, хулоса ва пешниҳодот, инчунин рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Диссертатсия дар 481 саҳифа навишта шуда, аз 20 ҷадвал, 35 диаграмма ва расм, инчунин 18 замима иборат аст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 567 номгӯро фаро мегирад.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда мешавад, дараҷаи коркард арзёбӣ мегардад, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳо, асосҳои назариявию методологӣ, фарзияи корӣ, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшаванда, инчунин аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда мешаванд.

**Дар боби якуми таҳқиқоти диссертатсионӣ – «Асосҳои назариявӣ ва равишҳои методологии омӯзиши таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ»** – тибқи равиши низомӣ, чунонки дар кор таъкид мегардад, асосҳои консептуалии сиёсати таҳримӣ асоснок шудаанд, нишонаҳои таснифотӣ ва хусусиятҳои сохторию функсионалии таҳримҳои иқтисодӣ ошкор гардидаанд, инчунин принсипҳои методологии таҳлили онҳо дар шароити табдили тартиби иқтисодии ҷаҳонӣ баён ёфтаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таъкид мегардад, ки таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ маҷмӯи чораҳои ҳуқуқан муқарраршуда ва ғайризӯрӣ мебошанд, ки аз ҷониби як ё чанд давлат ва/ё созмонҳои байналмилалӣ бо ҳадафи тағйири рафтори сиёсӣ ё иқтисодии объекти таҳрим бидуни истифодаи мустақими қувваи ҳарбӣ ҷорӣ карда мешаванд. Ба андешаи муаллиф, чунин тадбирҳо тавассути маҳдуд кардани савдо, муомилоти молиявию қарзӣ, дастрасӣ ба технологияҳо ва дигар роҳҳои иқтисодӣ амалӣ гардида, бар қонунҳои миллӣ, қатъномаҳои СММ ва қарорҳои созмонҳои ҳамгироии минтақавӣ такя мекунанд. Онҳоро инчунин таъсири дипломатӣ ва ғоявие ҳамроҳӣ мекунад, ки ба расидан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ, башардӯстӣ ё рақобатӣ нигаронида шудаанд.

Муаллиф таъкид менамояд, ки низоми муосири дар дараҷаи баланд ҳамгироишудаи робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ заминаи истифодаи фаъолонаи таҳримҳои иқтисодӣ ҳамчун алтернативаи дахолати мустақими низомӣ фароҳам меорад. Ба андешаи диссертант, ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои интихобӣ ё маҷмӯӣ аз ҷониби мамлакатҳои пешсафи дорои иқтидори назарраси молиявию иқтисодӣ сиёсати таҳримиро ба сатҳи ҷаҳонӣ мебарад. Таъсири он на танҳо ба давлатҳо, балки ба ШФМ, муассисаҳои молиявӣ ва бахшҳои соҳавӣ паҳн гардида, ҷараёнҳои савдо ва сармоягузориро таҳриф менамояд ва дар таъминоти захираҳои стратегӣ ва технологияҳо қатъшавиҳо ба вуҷуд меорад.

Дар диссертатсия зикр мешавад, ки таҳлили татбиқи таҳримҳо аз дидгоҳи назарияҳои классикии савдои байналмилалӣ мушкилии илмиро ифшо намудааст: моделҳои анъанавие, ки савдои байналмилалиро ҳамчун ҳамкории мантиқӣ мефаҳманд, хусусияти мураккаби ҳамкории таҳримиро, ки дар он омилҳои иқтисодӣ, институтсионалӣ, технологӣ ва рафторӣ ба таври ғайрихаттӣ ба ҳам печидаанд, шарҳ дода наметавонанд. Диссертант маҳдудияти абзорҳои назариявии мавҷударо ва набудани модели ягонаеро, ки дастгоҳи иқтисодӣ-математикиро бо консепсияҳои муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва вокунишҳои рафтории субъектҳои хоҷагии ҷаҳонӣ муттаҳид намояд, қайд мекунад.

Бо мақсади рафъи камбудии муайяншуда, аз ҷониби диссертант таҳлили муқоисавии нӯҳ равиши назариявӣ оид ба омӯзиши таҳримҳо анҷом дода шудааст, паҳлӯҳои қавӣ ва заифи ҳар як равиш муайян гардидаанд ва нишон дода шудааст, ки ҳар яки онҳо чи гуна ба ченакҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, институтсионалӣ, рафторӣ ё шабакавии фишори таҳримӣ аҳамият медиҳанд. Ба андешаи муаллиф, чолишҳои рақамисозӣ — аз ҷумла кибертаҳримҳо ва густариши бозорҳои мувозӣ — тақозо мекунанд, ки таҳлил бо равиши байнисоҳавӣ тақвият ёфта, порчашавии афзояндаи минтақавӣ ва технологии иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба эътибор гирифта шавад.

Дар диссертатсия равиши ҳамгироишудаи бисёрсатҳа пешниҳод мегардад, ки иқтисоди сиёсӣ, таҳлили институтсионалӣ, иқтисоди рафторӣ, ҷанбаҳои шабакавию гибридии иқтисодиёти ҷаҳонӣ, инчунин усулҳои моделсозии васеъ ва таҳлили додаҳоро дар бар мегирад. Мувофиқи консепсияи муаллиф, чунин равиш дарки ангезаҳои ҷорӣ кардани таҳримҳоро амиқтар намуда, арзёбии дақиқтари паёмадҳои мустақим ва ғайримустақимро барои давлатҳои ташаббускор, давлатҳои ҳадафи таҳримҳо ва ҷонибҳои сеюм таъмин мекунад ва имкон медиҳад, ки стратегияи чандирии вокуниш барои ҳукуматҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва тиҷорати бузург таҳия шавад.

Ба назари диссертант, таснифи низомии таҳримҳо дар шароити афзоиши ноорромии геосиёсӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад, зеро таҳримҳо на танҳо воситаи танзими низоъ, балки абзори фишори рақобатӣ мебошанд, ки дастрасӣ ба технологияҳо ва захираҳои стратегиро маҳдуд намуда, барои истеҳсолкунандагони ватании кишвари ташаббускор бартарӣ эҷод мекунанд. Таҳлили интиқодии типологияҳои мавҷуда зарурати банизомдарории методологиро нишон медиҳад, ки ҳадафҳо, механизмҳо ва таркиби субъектии таҳримҳоро бо омилҳои пайвастагии ҷаҳонӣ ва табдилёбии технологии робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ ҳамбаста созад. Ин маҳдудияти қолабҳои анъанавии таснифро рӯшан карда, зарурати бознигарии онҳоро асоснок менамояд [18].




**Расми 1. – Гурӯҳбандии таҳримҳои иқтисодӣ дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ**

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Дар тадқиқоти диссертатсионӣ таснифи густардашудаи таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ (расми 1) таҳия гардидааст, ки табиати бисёрмеъёрии режимҳои таҳримиро инъикос намуда, имкон медиҳад буридашавии меҳварҳои гуногуни таснифот ба таври возеҳ сабт карда шавад, зеро аксар вақт як режим якбора чанд меъёрро дар бар мегирад. Муаллиф аҳамияти амалии ин қолаби пешниҳодшударо қайд мекунад: ҳангоми моделсозии ҳолатҳои мушаххас бо истифода аз усулҳои миқдорӣ ва сифатӣ он имконият фароҳам меорад, ки намудҳои таҳримҳо ва сатҳи институтсионализатсияи онҳо бо тағйироти ҷараёнҳои савдо ва сармоягузорӣ, занҷираҳои технологӣ ва сохтори геоиқтисодӣ пайваст карда шаванд.

**Ҷадвали 1. – Таҳаввулоти сиёсати таҳримӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ**

| Давра | Хусусиятҳои хос |
|---|---|
| Давраи қадим ва асри миёна | - татбиқи таҳримҳо ба шакли маҳдудиятҳои савдо ва муҳосираҳо миёни рақибони мустақим;<br>- механизмҳои таҳримӣ содда ва дуҷониба буданд;<br>- таҳримҳо аксаран бо амалиёти ҳарбӣ ҳамроҳ мешуданд;<br>- самаранокӣ аз дараҷаи пайвастагии иқтисодии давлатҳо ва қобилияти онҳо дар нигоҳдошти маҳдудиятҳо вобаста буд;<br>- хусусияти асосан дуҷониба дошта, ба рақибони наздики геосиёсӣ (шаҳр-давлатҳо, салтанатҳо) равона мешуданд;<br>- нақши назарраси институтҳо динӣ: истифодаи интердиктҳо ва ихроҷ аз калисо барои фишор ба ҳокимияти дунявӣ (хоса дар асри миёна) |
| Давраи нав | - таҳримҳо бештар барои идораи роҳҳои савдо ва манобеи ашёи хом равона мегарданд;<br>- маҳдудиятҳои иқтисодӣ ба сиёсати мустамликадорӣ ҳамгиро мешаванд (муҳосираи бандарҳо, режимҳои истисноӣ барои аҳолии маҳаллӣ);<br>- таҳримҳо аксар вақт бо амалиёти ҳарбӣ ва муҳосираҳо якҷоя мешуданд;<br>- меркантилизм таҳримҳоро ҳамчун абзори сиёсати иқтисодӣ барои гирдоварии сарвати миллӣ ва тақвияти иқтидори давлатӣ ташвиқ мекард |
| Давраи ду ҷанги ҷаҳонӣ ва фосилаи байни онҳо (солҳои 1913–1945) | - таҳримҳо ба шарофати таъсиси Лигаи Миллатҳо ба чорчӯбаи ҳуқуқи байналмилалӣ даромаданд;<br>- ҳамчун воситаи амнияти дастаҷамъӣ барои пешгирии таҷовуз ва ҳифзи сулҳ истифода мешуданд;<br>- хусусияти ғоявӣ дошта, ба ҷудо кардани давлатҳои таҷовузкор ва режимҳои тоталитарӣ нигаронда шуда буданд;<br>- самаранокӣ ба сабаби набудани ягонагӣ байни кишварҳо ва имкони риоя накардани маҳдудиятҳо маҳдуд мегардид |

*Анҷоми ҷадвали 1*

| Давра | Хусусиятҳои хос |
|---|---|
| Давраи ҷанги сард (солҳои 1946–1991) | - таҳримҳо ба абзори калидии рақобати идеологӣ миёни давлатҳои бузург табдил ёфтанд;<br>- барои боз доштани ҳариф, густариши ғояи худ ва таъсир расондан ба режимҳои сиёсӣ дар давлатҳои дигар истифода мешуданд;<br>- дорои хусусияти бисёрҷониба буданд ва бо пуштибонии созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла СММ, татбиқ мегардиданд;<br>- самаранокӣ аз манфиатҳои ҷаҳонии сиёсӣ вобаста буда, баъзан ба ташдиди ҷудогузории кишварҳо меовард |
| Давраи пас аз ҷанги сард ва фазои яккутбӣ (солҳои 1991–2008) | - созмонҳои байналмилалӣ, хусусан СММ ва ИА, нақши калидӣ дар ҳамоҳангсозӣ ва қонунигардонии таҳримҳо бозиданд;<br>- гузариш аз таҳримҳои мукаммал ба таҳримҳои ҳадафманд ё «оқил», ки шахсон, ширкатҳо ва бахшҳои муайяни иқтисодро нишона мегирифтанд;<br>- истифодаи таҳримҳо барои тарғиби арзишҳои демократӣ, ҳуқуқи инсон ва пешгирии паҳншавии силоҳи қатли ом;<br>- тавсеаи хусусияти бисёрҷониба ва институтсионалии сиёсати таҳримӣ;<br>- самаранокии таҳримҳо тағйирпазир буда, аз вазъият ва ҳадафҳо вобаста буд |
| Давраи муосир ва фазои бисёрқутбӣ (аз соли 2008 то инҷониб) | - таҳримҳо ба абзори мураккаб, дақиқ ва васеъ истифодашавандаи сиёсати хориҷӣ табдил ёфтаанд;<br>- афзоиши таҳримҳои дуюмдараҷа, ки ба кишварҳои сеюм ва занҷираҳои ҷаҳонии таъминот таъсир мерасонанд;<br>- рушд ёфтани роҳҳои нави риоя накардани таҳримҳо (криптоасъор, низомҳои пардохтии алтернативӣ) ва тақвияти абзорҳои назоратӣ (мониторинги интиқолҳо, технологияҳои «оқил»);<br>- омезиши вазифаҳои ҳуқуқбунёдӣ/ғоявӣ бо ҳадафи маҳдудсозии дастрасии рақибон ба бозорҳо, технологияҳо ва захираҳо; афзоиши таҳримҳои ҷавобӣ (аксултаҳримҳо) ва хавфи авҷи низоъ;<br>- самаранокии таҳримҳо аз дастгирии байналмилалӣ ва ҳамоҳангии байни давлатҳо вобаста аст, вале тақвияти марказҳои минтақавии қудрат (масалан, Чин, Ҳиндустон) ташкили эътилофҳои ягонаи таҳримиро душвор месозад |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Тавре дар диссертатсия зикр мегардад, сиёсати таҳримӣ аз муҳосираҳои мустақими савдо ба механизмҳои тафриқашудаи бисёрсатҳа тағйир ёфтааст, ки мураккабии бозори ҷаҳонӣ ва хусусиятҳои сиёсӣ-ҳуқуқии давлатҳои алоҳидаро ба эътибор мегиранд (ҷадвали 1). Ба андешаи муаллиф, муҳосираҳо ва эмбаргоҳои классикӣ зери таъсири институтҳои бисёрҷониба ва таҷрибаи ҷамъшудаи маҳдудиятҳои коллективӣ ва селективӣ табиати гибридӣ пайдо карда, тадбирҳои молиявӣ, технологӣ ва сармоягузориро муттаҳид месозанд.

Ин, аз як тараф, самаранокии онҳоро боло мебарад, вале аз тарафи дигар, идоракунии таъсироти иловагиро мураккабтар менамояд.

Бо истифода аз равишҳои таърихӣ ва таҳаввулотӣ, диссертант шаш марҳилаи калидии ташаккулёбии абзорҳои таҳримиро ҷудо намуда, табдили онҳоро дар шароити муосири бисёрқутбӣ ва чолишҳои ҷаҳонишавӣ арзёбӣ кардааст. Ба андешаи муаллиф, синергияи инноватсияҳои технологӣ, молиявӣ ва ҳуқуқӣ таҳримҳоро ба воситаи мураккаби маҷбурсозии иқтисодӣ табдил дод, ки имкони ҳамзамон пайгирии ҳадафҳои сиёсӣ, идеологӣ ва рақобатиро фароҳам меорад. Ин воқеият зарурати таҳқиқи ҳамгироишудаи бисёрсатҳаро барои омӯзишҳои илмии минбаъда тасдиқ мекунад.

**Дар боби дуюм – «Механизмҳо ва паёмадҳои иқтисодии таъсири таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ ба сохтори иқтисодиёти ҷаҳонӣ»** таъсири таҳримҳо дар макро- ва мегасатҳ бо истифода аз абзорҳои муосири эконометрикӣ, хусусан моделҳои SVAR, таҳлил мегардад. Фишори таҳримӣ аз дидгоҳи роҳҳои савдо, молия, сармоягузорӣ ва технология дар фаъолияти иқтисоди миллӣ баррасӣ шуда, ба гуфтаи муаллиф, имкон медиҳад миқёси самараи таҳримҳо ба таври фарогир арзёбӣ гардад.

Дар кор маҷмӯи равишҳои назариявию моделӣ оварда шудааст: модели соддашудаи тақозои ҷамъиятӣ, самараи инҳирофи савдо, модели мукофоти хавф ва меъёри фоиз (дар чорчӯбаи модели Манделла–Флеминг), инчунин моделҳои Солоу ва Ромер. Ҳисобҳои математикӣ ва ҳолатҳои амалии эмпирикӣ, ба андешаи муаллиф, тасдиқи боэътимоди хулосаҳоро таъмин мекунанд.

Диссертант қайд менамояд, ки паёмадҳои макроиқтисодии таҳримҳо номутаносибии бисёрсатҳаи арза ва тақозоро ташаккул дода, тағйироти сохториро дар маҷмӯи истеҳсолӣ-тиҷоратӣ бармеангезанд ва ноустувории макронишондиҳандаҳои калидӣ (қурби асъор, сатҳи таваррум, мизони шуғл) ро ташдид мекунанд. Пайвастагии ҳамин нишондиҳандаҳо таъсири бозгашт эҷод менамояд ва зарбаҳои таҳримиро шадидтар намуда, хароҷоти субъектҳои хоҷагидорро меафзояд.




**Расми 2. – Механизмҳои интиқоли таъсири самараҳои таҳримӣ ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва пайвастагии онҳо**

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Дар диссертатсия нақшаи таъсири таҳримҳо ба макроиқтисод ва сохтори иқтисоди зери таҳрим ҷойдошта тавассути чор роҳи асосӣ пешниҳод шудааст (расми 2), ки ҳар яке маҷмӯи зарбаҳои худро тавлид намуда, ба нишондиҳандаҳои калидии рушди иқтисодӣ таъсир мерасонад.

Диссертант қайд менамояд, ки иқтисодиёти ҷаҳонӣ табдили сифатиро таҷриба карда истодааст ва дар ин раванд авҷи сиёсати таҳримӣ ба омили маркази рақобати геоиқтисодии стратегӣ табдил ёфта, ба давлатҳо ва эътилофҳои онҳо имконият медиҳад, ки захираҳои технологӣ ва молиявиро аз нав тақсим намоянд ва марказҳои нави қудрати иқтисодиро ташаккул диҳанд [2, с. 42-50].

Афзоиши иқтидори иқтисодии кишварҳои БРИКС ва АСЕАН бо фаъолшавии таҳримҳои ИМА ва ИА ҳамроҳ буда, бахшҳои стратегӣ — технологияҳои баланд, энергетика ва молия — ҳадафҳои асосии фишор қарор мегиранд [15, с. 90-110].

**Ҷадвали 2. – Таҳлили муқоисавии ишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ ва беруниқтисодӣ (бо млрд. долл. ИМА), инчунин шумораи аҳолии (бо млн. нафар) гурӯҳҳои калонтарини мамалакатҳо дар с. 2023**

| Гурӯҳҳои мамлакатҳо | ММД (номиналӣ) | ММД (аз рӯи ПҚХ) | Гардиши савдо | СМХ | Аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| G7 | 47 327,0 | 53 603,5 | 15 072,7 | 390,4 | 778,4 |
| | *44,6%* | *29,1%* | *31,3%* | *27,8%* | *9,7%* |
| БРИКС | 28 787,7 | 70 399,8 | 10 960,5 | 350,1 | 3 925,7 |
| | *27,1%* | *38,2%* | *22,8%* | *24,9%* | *48,7%* |
| ҲҲИМ | 29 056,8 | 55 676,9 | 12 997,4 | 457,9 | 2 207,3 |
| | *27,4%* | *30,2%* | *26,9%* | *32,6%* | *27,4%* |
| МЕРКОСУР | 2 939,9 | 6 063,0 | 782,6 | 92,5 | 279,2 |
| | *2,8%* | *3,3%* | *1,6%* | *6,6%* | *3,5%* |
| Иттиҳоди Африқо | 2 922,7 | 9 532,3 | 1 335,3 | 48,6 | 1 479,0 |
| | *2,7%* | *5,2%* | *2,8%* | *3,5%* | *18,3%* |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси [4;12] тартиб дода шудааст.

Муттаҳидшавии БРИКС ва дигар гурӯҳҳои ҳамгироӣ алтернативаи сохтори қаблии «G7 – боқимондаи ҷаҳон»-ро ба вуҷуд меорад, ки инро додаҳои ҷадвали 2 тасдиқ мекунанд. Дар кор таъкид мешавад, ки чунин падида бисёрқутбии низоми ҷаҳониро тақвият мебахшад.

Таҳлили эмпирикӣ афзоиши назарраси ҳиссаи БРИКС-ро дар ММҶ нишон медиҳад (диаграммаи 1), ки азнавтақсимкунии нуфузи иқтисодӣ ва тағйири тавозуни қудратро инъикос менамояд.

**Диаграммаи 1. – Ҳаҷми умумии ММД (аз рӯи БҚХ)-и мамлакатҳои БРИКС (бо трлн. долл. ИМА) ва ҳиссаи онҳо дар ММҶ (аз рӯи БҚХ) (бо %) дар солҳои 1991, 2008 ва 2023**




**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси [11] тартиб дода шудааст.

Дар диссертатсия таъкид мегардад, ки эътилофҳои нави байналмилалӣ омодаанд тадбирҳои муқовимат ба фишори таҳримии берунаро ҳамоҳанг созанд ва дар баробари ин худи таҳримҳо ва аксултаҳримҳо ба механизми азнавтақсимкунии захираҳо ва тағйирдиҳии занҷираҳои ҷаҳонии моливу молиявӣ табдил ёфтаанд. Хусусан, диссертант ишора мекунад, ки сиёсати таҳримии муосир торафт бештар барои маҳдуд сохтани дастрасии рақибон ба захираҳо ва технологияҳои калидӣ равона мегардад, бо ин васила мавқеи геоиқтисодии кишварҳои ташаббускорро таҳким мебахшад. Таҳримҳои иқтисодӣ аз воситаи ҳадафнок ба абзори мураккаби таъсири стратегӣ ба бартариҳои рақобатии давлатҳо ва иттифоқҳо табдил меёбанд.

Мисоли равшан сиёсати таҳримӣ нисбат ба Русия мебошад: пас аз маҳдудиятҳои соли 2022, чунонки дар кор нишон дода шудааст, ИМА ҳузури худро дар бозори энергетикии Аврупо афзоиш дода, ҳиссаи гази моеъ ва нафти содиротии худро то 48% аз воридоти умумии ИА расонд (диаграмма 2) [10].

**Диаграммаи 2. – Динамикаи ҳаҷми таҳвили маҳсулоти нафту газӣ ба ИА (27)* (бо млрд. долл. ИМА) ва ҳиссаи ИМА ва Русия дар ҳаҷми умумии онҳо (бо %) дар солҳои 2014-2023**




*Эзоҳ: ИА баъди 1 феврали 2020 сол.

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси [3] тартиб дода шудааст.

Ба ақидаи диссертант, фишори таҳримӣ ивази самти ҷараёнҳои савдо ва рушди савдои дохилиминтақавиро ташвиқ менамояд ва, инчунин ба андешаи муаллиф, равандҳои минтақагардонии иқтисоди ҷаҳониро тезонда истодааст.

Дар ҷавоб ба маҳдудиятҳо, кишварҳои дорои бозорҳои ташаккулёбанда сохторҳои молиявию иқтисодии худро, низомҳои пардохтии алтернативӣ ва механизмҳои сармоягузории навро таъсис дода, сохтори бисёрқутбии молиявии ҷаҳонро ташаккул медиҳанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ қайд мегардад, ки шабакаи сохторҳои минтақавӣ тадриҷан институтҳои яккутбиро пурра ё дар баъзе мавридҳо ҷойиваз намуда, сатҳи мухторияти иқтисодҳои сохторан осебпазирро боло мебарад. Таҳримҳо ба ангезандаи ташаккули низоми «бисёрқабатаи» хоҷагидорӣ табдил меёбанд, ки дар он мамлакатҳои бузург минтақаҳои нуфузи худро муқаррар мекунанд, дар ҳоле ки давлатҳои канорӣ маҷбур мешаванд миёни онҳо рафтуо намоянд.

Муаллиф ду хулосаи калидӣ пешниҳод мекунад: аввалан, таҳримҳо азнавтақсимкунии геоиқтисодии захираҳоро ангехта, тағйири самти ҷараёнҳои савдо ва рушди сохторҳои алтернативии молиявиро таҳрик медиҳанд; дуввум, таҳримҳо ба тақсим шудани фазои ҷаҳонӣ ба «минтақаҳои нуфуз» мусоидат мекунанд, ки дар онҳо меъёрҳо ва стандартҳо дар рақобат қарор мегиранд. Ин дуҷиҳатӣ нақши дугонаи таҳримҳоро ҳамчун ангезандаи бисёрқутбишавӣ ва тақсимбандии иқтисодиёти ҷаҳонӣ тасдиқ менамояд.

**Ҷадвали 3. – Саҳми таъсири таҳримӣ ба тағйироти нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Русия: натиҷаи декомпозитсияи дисперсия**

| Нишондиҳанда/Давра ва сатҳи таъсир | 1 сол (1–4 кв.) | 2–3 сол | 5–10 сол |
|---|---|---|---|
| ММД-и ҳақиқӣ | 70–90% | 20–30% | 10–15% |
| Тавварум | 50–65% | 25–35% | 10–12% |
| Қурби асъор | 80% | 35–45% | 10–20% |
| Содирот | 70–85% | 30–40% | 15% |
| Воридоти холиси сармоя | 75% | 20–25% | 10–15% |
| Меъёри бозтамвили Бонки Русия | 50–60% | 15–20% | 5–10% |

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф дар асоси SVAR-модел тартиб дода шудааст.

Барои таҳлили таъсири таҳримӣ ба иқтисодиёти Русия муаллиф модели SVAR-ро бо идентификатсия тавассути маҳдудиятҳои ишоравӣ [1] истифода

кардааст, ки имкон медиҳад таъсирҳои экзогенӣ ҷудо гардида, таъсири динамикии он ба тағйирёбандаҳои макроиқтисодӣ арзёбӣ шаванд. Декомпозитсияи дисперсия (ҷадвали 3) тасдиқ менамояд, ки таъсири таҳримӣ дар солҳои аввали пас аз ҷорӣ шудани маҳдудиятҳо омили таъсиррасони пурқуввати берунӣ ба ҳисоб меравад, ҳарчанд таъсири он тадриҷан коҳиш меёбад.

**Ҷадвали 4. – Пешгӯии нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Русия барои 10 сол дар ҳоли нигоҳдошташавии фишори таҳримӣ**

| Нишондиҳанда/Давра | Оқибатҳои кӯтоҳмуддат (1–2 сол) | Оқибатҳои миёнамӯҳлат (3–5 сол) | Оқибатҳои дарозмуддат (5–10 сол) |
|---|---|---|---|
| ММД-и ҳақиқӣ | пастшавӣ ба 0,8–1,2% | қисман барқароршавӣ, аммо рушд аз тамоюл пасттар мемонад | ММД-и эҳтимолӣ ба 10–12% пасттар аз сатҳи пеш аз буҳрон |
| Тавварум | афзоиш ба 5–8 б.ф. болотар аз сатҳи ибтидоӣ | устуворшавӣ дар сатҳи баланд | тавваруми баланди дуру дароз (қариб 4–5% солона) |
| Қурби асъор | беқурбшавӣ ба 15–20% дар солҳои аввал | тағйирёбӣ бо тамоюли заиф шудан | мустаҳкамшавии аз эҳтимол дур, қурб 10–15% пасттар аз сатҳи пеш аз буҳрон мемонад |
| Содирот | пастшавӣ ба 10–15% | тағйир ёфтани логистика, аммо ҳаҷми умумӣ 20% камтар | динамикаи суст, содирот то ба сатҳи аввала барқарор намешавад |
| Воридоти холиси сармоя | баромади сармоя (то 10–15 млрд. долл. ИМА солона) | ҷараёни суст, ҷалби сармоягузорон душвор аст | баромади холиси сармоя боқӣ мондааст, муҳити сармоягузорӣ манфӣ боқӣ мондааст |
| Меъёри бозтамвили Бонки Русия | афзоиш ба 2–3 б.ф. барои мубориза бо тавварум | тадриҷан пастшавӣ, аммо болотар аз сатҳи муқаррарӣ боқӣ мемонад | эҳтимоли сиёсати сахтгиронаи муътадил |

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф дар асоси SVAR-модел тартиб дода шудааст.

Пешгӯии ду сенария — нигоҳдошти таҳримҳо ва бекоркунии онҳо (ҷадвалҳои 4 ва 5) — нишон медиҳад, ки дар шароити идома ёфтани фишори таҳримӣ иқтидори дарозмуддати рушди иқтисодӣ ва ҷаззобияти сармоягузории Русия коҳиш меёбад, ки ба андешаи муаллиф, омили таҳримро ба яке аз маҳдудиятҳои калидии пешрафти иқтисодӣ табдил менамояд.

**Ҷадвали 5. – Пешгӯии нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Русия барои 10 сол дар ҳоли бекоркунии пурраи таҳримҳо**

| Нишондиҳанда/Давра | Оқибатҳои кӯтоҳмуддат (1–2 сол) | Оқибатҳои миёнамӯҳлат (3–5 сол) | Оқибатҳои дарозмуддат (5–10 сол) |
|---|---|---|---|
| ММД-и ҳақиқӣ | афзоиш ба 1,5–2,0% | иқтисодиёт ба 4–5% болотар аз сатҳи муқаррарӣ мебарояд | то тамоюли дарозмуддат барқарор мешавад |
| Тавварум | камшавӣ ба 3–4 б.ф. | ба нишондиҳандаи мақсадноки 4% мерасад | сатҳи устувор |
| Қурби асъор | мустаҳкамшавӣ ба 10–15% | устуворшавии қурби асъор | бозори асъорӣ камтар ноустувор мегардад |
| Содирот | афзоиш ба 15–20% | барқароршавии пурра дар соли 5-ум | эҳтимоли афзоиши минбаъда аз ҳисоби ҳамгироӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ |
| Воридоти холиси сармоя | афзоиши ҷараёнҳои сармоя то 20–25 млрд. долл. ИМА солона | барқароршавии пурра дар соли 5-ум | сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои дарозмуддат, аз он ҷумла технологӣ |
| Меъёри бозтамвили Бонки Русия | пастшавӣ ба 1,5–2 б.ф. | наздикшавӣ ба сатҳи муқаррарӣ | устуворшавӣ дар сатҳи муқаррарие, ки ба рушди устувори иқтисодӣ мусоидат мекунад |

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф дар асоси SVAR-модел тартиб дода шудааст.

**Дар боби сеюми диссертатсия — «Стратегияҳои мутобиқшавӣ ва тадбирҳои сиёсати иқтисодӣ дар шароити фишори таҳримӣ»** стратегияҳои мутобиқшавии кишварҳои зери таҳрим ҳамаҷониба таҳлил гардида, барои такмили онҳо тавсияҳо ва барои давлатҳое, ки дар минтақаи хавфи эҳтимолии таҳрим қарор доранд, чораҳои пешгирикунандаи стратегӣ пешниҳод шудаанд.

Дар кори илмӣ методикае пешниҳод мегардад, ки имкон медиҳад муваффақият ё нокомии тадбирҳои миллӣ дар муқовимат ба таҳримҳо бо такя ба меъёрҳое, ки қобилияти иқтисодиётро барои безараргардонии фишори берунӣ ва ҳифзи иқтидори рушди минбаъда инъикос мекунанд, арзёбӣ гардад (расми 3).




**Расми 3. – Меъёрҳои баҳогузории муваффақияти стратегияҳои мутобиқати давлатҳо дар шароити фишори таҳримӣ**

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки пайвастагии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, устувории технологӣ, диверсификатсия, суботи институтсионалию иҷтимоӣ ва сатҳи ҳамгироии байналмилалӣ чорчӯбаи ягонаро ташкил медиҳад: тағйироти мусбат якдигарро тақвият мебахшад, ҳол он ки динамикаи манфӣ даври бастаи бесуботии иқтисодиро ба вуҷуд меорад.

Бо истифода аз усули кейс-стадӣ, диссертант стратегияҳои мутобиқшавии Русия, Эрон, Венесуэла ва Кореяи Шимолиро муқоиса намуда, нақши пояи захиравӣ, чандирии сиёсати иқтисодӣ, имкониятҳои дипломатӣ ва давомнокии режимҳои таҳримиро ошкор кардааст. Қайд мегардад, ки ҳатто ҳангоми қисман сабук шудани маҳдудиятҳо, монеаҳои тӯлонӣ дар роҳи воридоти технология ва сармоягузорӣ боиси ҷамъшавии хароҷот ва хавфи ақибмонии технологӣ мегарданд.

Дар диссертатсия нақшаи такмили низомии иқтидори мутобиқшавӣ таҳия шудааст (расми 4), ки дар он ислоҳоти институтсионалӣ, абзорҳои иқтисодӣ, фаъолияти дипломатӣ ва нигаҳдории макроустуворӣ маҷмӯи пуркунандаи якдигарро ба вуҷуд меоранд. Ба андешаи диссертант, синергияи ин унсурҳо устувории иқтисодро нисбат ба зарбаҳои экзогенӣ таъмин намуда, шароити ҳамгироӣ ба занҷирҳои алтернативии арзиши иловашударо фароҳам месозад. Бе чунин табдилоти низомӣ тадбирҳои ҷудогона, ки танҳо ба фирефтани таҳримҳо равона шудаанд, фақат таъсири кӯтоҳмуддат доранд, дар ҳоле ки барои таъмини устувории дарозмуддат дар шароити фишори мунтазами таҳримӣ татбиқи ислоҳоти фарогири сохторӣ зарур мебошад.

Диссертант таъкид менамояд, ки муайянсозии пешакии тадбирҳое, ки давлатҳо метавонанд ва уҳдадоранд пеш аз он ки таҳримҳо ба таҳдиди воқеӣ табдил ёбанд ё эълон шаванд, анҷом диҳанд, аз ҷиҳати объективӣ асоснок мебошад. Чунин муносибати пешгирикунанда на танҳо ҳифозат аз эҳтимоли қатъ гардидани занҷираҳои таъминот ва амалиёти молиявиро дар назар дорад, балки инчунин ба ташаккули сиёсати фарохтаре равона шудааст, ки амнияти беруниқтисодиро таъмин намуда, рақобатпазирии соҳаҳои миллиро таҳким мебахшад.




**Расми 4. – Равиши низомӣ ба мукаммалнамоии мутобиқат ба таҳримҳои иқтисодӣ**

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Сипас аҳамияти равиши пешгирикунанда ҷиҳати таъмини амнияти берунииқтисодӣ қайд мегардад: таҳлили мисолҳои Сингапур ва Аморати Муттаҳидаи Араб нишон медиҳад, ки сифати баланди институтҳо, сиёсати молиявии чандир ва диверсификатсияи дарозмуддат давлатҳоро нисбат ба фишори эҳтимолии таҳрим устувор нигоҳ медорад.

Чораҳои пешгирикунанда низоми ягонаи тадбирҳоро ташкил медиҳанд (расми 5), ки диверсификатсияи савдои беруна, рушди инфрасохтори технологию молиявӣ ва дастгирии сармояи инсониро ҳамоҳанг месозад. Дар диссертатсия хулоса карда мешавад, ки барномаи ҳамоҳангшудаи чунин тадбирҳо устуворӣ ва рақобатпазирии иқтисодиётро ҳатто дар шароити маҳдудиятҳои ногоҳонии берунӣ чандин маротиба боло мебардорад.




**Расми 5. – Тадбирҳои стратегии пешгирикунанда барои мамлакатҳое, дар минтақаи хатари эҳтимолии таҳримӣ қарор доранд**

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

**Дар боби чоруми диссертатсия – «Таҳлили хусусиятҳои сохтории иқтисодиёти Тоҷикистон дар заминаи таъсири эҳтимолии чолишҳои таҳримӣ»,** сохтори иқтисодиёти Тоҷикистон ва робитаҳои берунииқтисодии он мавриди таҳлил қарор гирифта, устувории низоми таъминоти озуқаворӣ кишвар дар шароити хавфҳои эҳтимолии таҳримӣ баҳогузорӣ мешавад.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки Тоҷикистон бо доштани иқтисоди нисбатан хурд ва диверсификатсияи маҳдуд ҳанӯз ба паёмадҳои ғайримустақими таҳримҳои байналмилалӣ осебпазир мемонад: рақобати геоиқтисодӣ хатарро барои давлатҳое, ки вобастагиашон аз шарикони алоҳида назаррас аст ва ин вобастагӣ тавассути занҷираҳои истеҳсолӣ ва ҷараёнҳои муҳоҷиратию молиявӣ ифода меёбад, афзун менамояд.

Таҳлили фарогири оморӣ азнавтақсимшавии ҳиссаҳои бахшҳоро дар ММД-и Тоҷикистон ошкор менамояд (диаграммаи 3): бахшҳои хизматрасонӣ ва кишоварзӣ рӯ ба рушд доранд, дар ҳоле ки ҳиссаи саноат коҳиш меёбад. Ин раванд метавонад, аз як тараф, сатҳи шуғлро боло барад ва амнияти озуқавориро таҳким диҳад, вале аз сӯи дигар, иқтидори рушди саноатии дарозмуддат ва диверсификатсияро маҳдуд созад.

**Диаграммаи 3. – Динамикаи тақсимоти ММД-и Тоҷикистон аз рӯи бахшҳо дар солҳои 2018-2023 (бо %)**




**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси [5] тартиб дода шудааст.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки ҳиссаи назарраси комплекси саноатии Тоҷикистон (саноати сабук, алюминий, саноати маъданҳои кӯҳӣ ва энергетика) ба воридоти ашёи хом, таҷҳизоти техникӣ ва бозорҳои хориҷии фурӯш такя дорад, ки ин вобастагӣ ҳассосияти соҳаҳои мазкурро ба зарбаҳои таҳримӣ афзун намуда, зарурати диверсификатсияи сармоягузорӣ ва рушди иқтидорҳои коркарди дохилиро тақозо менамояд.

Таҳлили савдои хориҷӣ (диаграммаи 4) афзоиши воридот ва амиқтар шудани тавозуни манфиро иброз дошта, вобастагии иқтисодиётро аз таъминоти берунӣ дар соҳаҳои энергетика, КАС ва саноат тақвият медиҳад, ки стратегияи андешакоронаи диверсификатсияи чараёнҳои савдо ва сармоягузориро тақозо менамояд [13;14].

**Диаграммаи 4. – Динамикаи ҳаҷми содироту воридот ва салдои савдои Тоҷикистон дар солҳои 2014-2023 (бо млн. долл. ИМА)**




**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси [19] тартиб дода шудааст.

Сохтори содирот бо тамаркузи баланди маҳсулоти ашёи хом, пеш аз ҳама тилло (диаграммаи 5), фарқ мекунад, ки ин онро ба тағйирёбии нархҳо ва маҳдудиятҳои таҳримӣ нисбат ба металлҳо ва манобеи энергетикӣ осебпазир месозад. Махсусгардонии маҳдуди молӣ дар якҷоягӣ бо сатҳи пасти диверсификатсия ва арзиши иловашудаи маҳдуди маҳсулоти содиротӣ хавфҳои макроиқтисодиро тақвият бахшида, рушди устувори дарозмуддати иқтисодиро маҳдуд менамояд.

**Диаграммаи 5. – Сохтори молии содироти Тоҷикистон дар соли 2023 (бо млн. долл. ИМА)**




**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси [19] тартиб дода шудааст.

Ба сохтори воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагии баланд аз молҳои ҳаётан муҳим — захираҳои энергетикӣ, озуқаворӣ, воситаҳои нақлиёт ва таҷҳизоти саноатӣ — хос мебошад, ки ин дар ҳолати ҷорӣ гардидани таҳримҳои иқтисодӣ хавфҳои ҷиддиро ба миён меорад (диаграммаи 6). Маҳдудсозии воридоти онҳо метавонад ҳамзамон ба бӯҳрони энергетикӣ оварда расонад, фишори таваррумро тақвият бахшад, вобастагӣ аз озуқавориро амиқтар намояд, норасоии молҳои асосиро барангезад ва суръати навсозии иқтидорҳои истеҳсоливу инфрасохториро коҳиш диҳад, ки дар маҷмӯъ ба суст гардидани суръати рушди иқтисодӣ сабаб мешавад.

**Диаграммаи 6. – Сохтори молии воридоти Тоҷикистон дар соли 2023 (бо млн. долл. ИМА)**




**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси [19] тартиб дода шудааст.

Ба сохтори ҷуғрофии содироти Тоҷикистон дар соли 2023 тамаркузи баланди ҷараёнҳои савдои хориҷӣ ба шумораи маҳдуди шарикон хос аст, ки ин вобастагии назаррасро аз мамлакатҳои мушаххас ташаккул медиҳад. Чунин самтгирии яктарафа осебпазирии иқтисоди миллиро нисбат ба зарбаҳои хориҷӣ, аз ҷумла тағйирёбии нархҳои ҷаҳонии молҳои ашёи хом, тақвият медиҳад.

Вазъияти шабеҳ дар харидҳои хориҷӣ низ мушоҳида мегардад: зиёда аз нисфи воридот ба доираи маҳдуди таъминкунандагон, қабл аз ҳама Русия, Чин ва Қазоқистон, рост меояд. Ин гуна тамаркуз ҳассосияти иқтисодро нисбат ба тағйирёбии сиёсати савдои ин кишварҳо, эҳтимоли ҷорӣ гардидани таҳримҳои иловагӣ ва ноустувории қурби асъор афзоиш дода, хавфҳои низомии беруниикқтисодиро тақвият медиҳад.

**Диаграммаи 7. – Ҳаҷми СМХ ҷалбшуда ба Тоҷикистон аз рӯи кишварҳо дар солҳои 2014-2023 (бо млн. долл. ИМА)**




**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси [7] тартиб дода шудааст.

Дар диссертатсия таъкид мегардад, ки вобастагии баланди Тоҷикистон аз интиқоли маблағҳои пулӣ аз Русия иқтисоди миллиро ба зарбаҳои беруние, ки бо фишори таҳримӣ, тағйирёбии қурби рубли русӣ ва дигаргуниҳои сиёсати муҳоҷиратӣ вобастаанд, ниҳоят осебпазир мегардонад [6, с. 88-89]. Шиддат гирифтани минбаъдаи таҳримҳо алайҳи Русия (масалан, маҳдудиятҳо ба интиқоли байналмилалии маблағҳо ё маҳдудсозии дастрасӣ ба низоми пардохтҳои байналмилалӣ) метавонад ҳаҷми воридоти маблағҳоро ба кишвар

ба таври шадид коҳиш диҳад. Хавфҳои иловагӣ ба эҳтимоли ҷорӣ гардидани низоми раводид ё маҳдудиятҳо (квотаҳо) барои муҳоҷирати меҳнатӣ ба Русия вобастаанд, ки чунин чораҳо даромади муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ва, дар натиҷа, ҳаҷми интиқоли маблағҳои фаромарзиро коҳиш хоҳанд дод [9].

Дар кори диссертатсионӣ таҳлили сохтори ҷуғрофии СМХ ба Тоҷикистон дар солҳои 2014–2023 пешниҳод гардидааст, ки он тамаркузи ниҳоят баланди воридоти сармояро аз доираи маҳдуди кишварҳо нишон медиҳад: Чин бо фарқияти назаррас пешсаф буда, ҳаҷми умумии сармоягузории он зиёда аз 2 млрд. долл. ИМА-ро ташкил додааст (диаграммаи 7). Илова бар ин, таҳлили тақсимоти СМХ тибқи соҳаҳо дар даҳсолаи охир нишон медиҳад, ки онҳо асосан дар шумораи маҳдуди бахшҳо тамаркуз ёфтаанд, ки ин осебпазирии иқтисодии кишварро нисбат ба зарбаҳои соҳавӣ ва хавфҳои беруниқтисодӣ тақвият медиҳад (диаграммаи 8). Ин дугонаи номутаносибӣ — ҳам аз рӯйи манбаъҳо ва ҳам аз ҷиҳати тақсимоти соҳаии сармоягузориҳо — зарурати таҳияи стратегии комплексии диверсификатсияро ба миён меорад: тавсеаи номгӯи соҳаҳои афзалиятнок барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, таҳияи механизмҳои ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба бахшҳои коркард, технологияҳои баланд ва агросаноат, инчунин таҳкими кафолатҳои институтсионалӣ барои сармоягузорони нав.

**Диаграммаи 8. – СМХ-и ҷалбшуда ба Тоҷикистон аз рӯи бахшҳо дар солҳои 2014-2023 (бо %)**




**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси [8] тартиб дода шудааст.

Аҳамияти махсусро дар заминаи таҳримҳои эҳтимолии байналмилалии иқтисодӣ амнияти озуқаворӣ соҳиб мегардад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ба ифтихори Наврӯз қайд намуд, ки: «Соли ҷорӣ вобаста ба таҳримҳои иқтисодӣ ва дигар низоъҳое, ки рӯз ба рӯз шиддат гирифта истодаанд, вазъи таъминот бо маводи ғизоӣ дар бисёр минтақаҳои олам хеле мушкил гардидааст, ки таъсири он ба ҳама, аз ҷумла ба кишвари мо низ мерасад» [17]. Ӯ зарурати худдорӣ аз воҳима ва рушди истеҳсоли дохилии маҳсулоти хӯроквориро таъкид намуд.

Бахши аграрӣ тамоюлҳои гуногун нишон медиҳад: истеҳсоли картошка, сабзавот, мева, гӯшт ва шир афзоиш меёбад, аммо вобастагӣ аз воридоти техника, нуриҳо ва технологияҳо ҳанӯз боқӣ мемонад. Ҳамзамон, кишвар дар таъминоти ғалладона, равғани растанӣ ва шакар аз воридот вобаста аст. Воридоти маҳсулоти комплекси агросаноатӣ дар даҳсолаи охир 30–50% афзоиш ёфтааст (ҷадвали 6). Дар баробари ин, содироти пахта устувор боқӣ мемонад, бахши меваҷот барқароршавӣ нишон медиҳад, аммо содироти сабзавот дар ҳолати қарахт қарор дорад, ки ба нобаробарии рақобатпазирии зерсоҳаҳо ишора мекунад. Ҷуғрофияи савдои аграрӣ асосан ба Қазоқистон, Русия ва Чин мутамарказ шудааст; танҳо дар бахши пахта ва меваҳо то андозае диверсификатсия мушоҳида мегардад, ки зарурати тавсеаи бозорҳо ва таҳкими мавқеи маҳсулоти Тоҷикистонро таъкид менамояд.

Дар маҷмӯъ, КАС-и Тоҷикистон вобастагии сохториро аз воридоти молҳои асосӣ нигоҳ медорад, дар ҳоле ки стратегияи содиротии кишвар ба диверсификатсияи минбаъдаи бозорҳои фурӯш ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти дохилӣ ниёз дорад. Ба даст овардани чунин натиҷа тавассути навсозии истеҳсолоти кишоварзӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои навин ва таҳкими робитаҳои савдо бо шарикони нави байналмилалӣ имконпазир мебошад.

**Ҷадвали 6. – Динамикаи ҳаҷми воридот ва содироти молҳои асосии КАС-и Тоҷикистон, инчунин нархи миёнаи онҳо дар солҳои 2014-2023**

| *Маҳсулот/Сол* | *Нишондиҳанда* | *2014* | *2015* | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* | *2021* | *2022* | *2023* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ***воридот*** | | | | | | | | | | | |
| гандум вав меслин | ҳаз. тонн | 774,9 | 858,8 | 1034,1 | 1014,5 | 1018,9 | 1090,2 | 999,0 | 1028,3 | 994,8 | 1023,6 |
| | млн. долл. ИМА | 231,5 | 244,5 | 231,5 | 197,5 | 172,6 | 222,8 | 243,3 | 265,9 | 328,9 | 288,7 |
| | долл. ИМА барои тонна | 298,7 | 284,7 | 223,9 | 194,7 | 169,4 | 204,4 | 243,5 | 258,6 | 330,6 | 282,0 |
| равғани растанӣ | ҳаз. тонн | 67,4 | 73,9 | 86,5 | 97,1 | 81,4 | 100,9 | 102,8 | 93,2 | 76,3 | 107,1 |
| | млн. долл. ИМА | 75,6 | 71,6 | 76,4 | 73,9 | 62,8 | 83,4 | 90,5 | 110,6 | 92,7 | 97,8 |
| | долл. ИМА барои тонна | 1121,7 | 968,9 | 883,2 | 761,1 | 771,5 | 826,6 | 880,3 | 1186,7 | 1214,9 | 913,2 |
| нуриҳо | ҳаз. тонн | 77,4 | 81,6 | 149,9 | 174,8 | 163,7 | 141,8 | 204,2 | 197,6 | 119,2 | 175,7 |
| | млн. долл. ИМА | 22,5 | 23,1 | 33,7 | 34,9 | 30,7 | 34,1 | 44,3 | 42,1 | 80,3 | 63,0 |
| | долл. ИМА барои тонна | 290,7 | 283,1 | 224,8 | 199,7 | 187,5 | 240,5 | 216,9 | 213,1 | 673,7 | 358,6 |
| тухмӣ | ҳаз. тонн | 12,5 | 13,7 | 1068,2 | 1040,6 | 1055,3 | 1137,4 | 1053,6 | 1088,1 | 68,7 | 93,8 |
| | млн. долл. ИМА | 4,8 | 5,3 | 242,6 | 205,0 | 182,1 | 236,7 | 258,5 | 283,6 | 23,2 | 30,4 |
| | долл. ИМА барои тонна | 384,0 | 386,9 | 227,1 | 197,0 | 172,6 | 208,1 | 245,3 | 260,6 | 337,7 | 324,1 |
| ***содирот*** | | | | | | | | | | | |
| пахта | ҳаз. тонн | 88,9 | 113,2 | 98,3 | 93,9 | 111,7 | 114,3 | 118,7 | 120,6 | 94,3 | 123,2 |
| | млн. долл. ИМА | 135,4 | 151,9 | 136,8 | 159,3 | 204,5 | 181,1 | 172,5 | 254,7 | 243,5 | 237,5 |
| | долл. ИМА барои тонна | 1523,1 | 1523,1 | 1391,7 | 1696,5 | 1830,8 | 1584,4 | 1453,2 | 2111,9 | 2582,2 | 1927,8 |
| меваҷот | ҳаз. тонн | 88,9 | 65,8 | 64,5 | 58,2 | 48,7 | 31,9 | 34,9 | 106,2 | 107,5 | 112,1 |
| | млн. долл. ИМА | 27,9 | 14,4 | 13,5 | 13,6 | 11,4 | 9,5 | 10,9 | 29,2 | 41,2 | 38,2 |
| | долл. ИМА барои тонна | 313,8 | 218,8 | 209,3 | 233,7 | 234,1 | 297,8 | 312,3 | 275,0 | 383,3 | 340,8 |
| сабзавот | ҳаз. тонн | 79,3 | 121,4 | 101,3 | 55,8 | 84,3 | 84,3 | 91,0 | 98,0 | 76,6 | 60,6 |
| | млн. долл. ИМА | 8,3 | 11,2 | 7,5 | 3,0 | 4,2 | 7,9 | 7,8 | 5,7 | 7,9 | 6,3 |
| | долл. ИМА барои тонна | 104,7 | 92,3 | 74,0 | 53,8 | 49,8 | 93,7 | 85,7 | 58,2 | 103,1 | 104,0 |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси [5] тартиб дода шудааст.

**Боби панҷум – «Хавфҳои сенариявӣ ва равишҳои стратегӣ барои кам кардани таъсири эҳтимолии таҳримҳо ба иқтисодиёти Тоҷикистон»** – роҳҳои мустақим ва ғайримустақими таъсири низоми таҳримҳои байналмилалиро ба маҷмӯаи хоҷагии кишвар баррасӣ намуда, зарурати ташаккули механизми пешгирикунандаи амнияти берунииқтисодӣ ва таҳкими рақобатпазирии устувори Тоҷикистонро дар муқобили хавфҳои эҳтимолии таҳримӣ асоснок менамояд.

Дар диссертатсия таъкид мегардад, ки барои Тоҷикистон, бо дарназардошти шиддат гирифтани баёни таҳримӣ ва тақобул миёни марказҳои бузурги геосиёсӣ, ташаккули стратегияи низомманд ҷиҳати коҳиши таъсири эҳтимолии манфӣ ба маҷмӯаи хоҷагии кишвар аҳамияти бузург дорад. Хатари маҳдуд шудани дастрасӣ ба бозорҳои молиявии байналмилалӣ, қарзҳо, сармоягузориҳои хориҷӣ ва технологияҳои пешрафта, инчунин эҳтимоли таҳримҳои дуюмдараҷаи савдо, молиявӣ ва технологӣ, ки бо сабаби робитаҳои зич бо шарикони аллакай зери таҳримбуда (пеш аз ҳама Русия) ба вуҷуд меоянд, зарурати андешидани тадбирҳои пешгирикунандаро тақозо мекунад.

Бо дарназардошти афзоиши хатарҳои геоиқтисодӣ, идоракунии хавфҳои таҳримӣ ба яке аз афзалиятҳои стратегии миллӣ табдил ёфта, зарурати диверсификатсияи манбаъҳои қарз ва технологияро дар як вақт бо таҳкими институтҳои дохилӣ, ки қодир ба сафарбарсозии захираҳои сармоягузории худӣ мебошанд, ба миён мегузорад. Диверсификатсияи робитаҳои берунииқтисодӣ бояд бисёрсамтӣ бошад: дар баробари Чин ва шарикони фазои Авруосиё, мувофиқи матлаб аст, ки ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ (Покистон, Ҳиндустон), Шарқи Наздик (Эрон, давлатҳои арабӣ) ва бархе аз кишварҳои Аврупои Шарқӣ фаъол гардонда шавад. Дар шароити ноороми ҷаҳонӣ чунин стратегия ҳамзамон осебпазириро коҳиш дода, имкони истифодаи марказҳои нави қудратро ба манфиати миллӣ фароҳам меорад.




**Расми 6. – Сохтори низомии таъмини устувории иқтисодӣ ва рақобатпазирии дарозмуддати Тоҷикистон дар шароити чолишҳое, ки аз ҷониби низоми таҳримҳои байналмилалии иқтисодӣ тавлид мешаванд**

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Бо такя ба таҷрибаи давлатҳои ҳамвазн дар фазои Авруосиё, диссертант зарурати мутобиқшавии пешакӣ дар заминаҳои институтсионалӣ, технологӣ, молиявӣ ва дипломатиро таъкид менамояд: кишварҳое, ки ба иқтидори дохилӣ сармоягузорӣ карда, робитаҳои худро диверсификатсия намудаанд, фишори беруниро ба маротиб осонтар таҳаммул мекунанд. Тибқи консепсияи муаллиф, таъмини амнияти берунииқтисодӣ ва рақобатпазирии устувор равиши низомиро тақозо менамояд, ки маҷмӯи тадбирҳои институтсионалӣ, технологӣ, молиявӣ, тиҷоратию дипломатӣ, инфрасохторӣ ва кадриро дар бар гирифта, ба микёси иқтисодӣ, ҷуғрофия ва пояи захиравии Тоҷикистон мутобиқ гардонда шавад.

Татбиқи мукаммали тадбирҳои пешгирикунанда, ки дар расми 6 ифода ёфтаанд, бо принсипи коҳиши пешакии осебпазирӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 муқаррар шудааст, ҳамоҳанг мебошад. Тақвияти ҳамзамони институтҳо, диверсификатсияи иқтисодиёт, рушди истеҳсоли ватанӣ ва сармояи инсонӣ «масуният»-ро нисбат ба зарбаҳои беруна ташаккул дода, заминаи рушди рақобатпазирии дарозмуддати кишварро дар шароити ноустувории ҷаҳонӣ фароҳам меорад.

## ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ

Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта ва вазифаҳои гузошташуда, муаллиф як қатор хулосаҳои назариявӣ, натиҷаҳо ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод менамояд.

### Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ дар ҳошияи геосиёсии муосир ба мақоми абзори бисёрсатҳии маҷбурсозии берунииқтисодӣ мерасанд, ки аз доираи моделҳои либералии классикӣ ва неоклассикӣ берун мераванд. Онҳо на танҳо роҳҳои анъанавии савдои озодро тағйир дода, монеаҳои сунъӣ ва «бори мурда» ба вуҷуд меоранд, балки детерминантаҳои институтсионалӣ ва рафториро низ иваз мекунанд. Ин таҳримҳо ҳамчун ангезандаи бозсозии технологӣ ва ташаккули эътилофҳои дипломатӣ фаъолият менамоянд. Якҷоя

кардани парадигмаҳои таҳлилӣ – аз назарияи бартариятҳои нисбӣ ва мувозинати умумӣ то консепсияҳои сиёсиву иқтисодӣ ва рафторӣ – нишон медиҳад, ки онҳо метавонанд дар шакли низоъҳои гибридӣ зуҳур кунанд. Дар чунин низоъҳо фишори иқтисодӣ бо таъсироти иттилоотӣ ва кибернетикӣ пайванд мегирад, дар ҳоле ки омилҳои ҳувияти миллӣ аксар вақт интизориҳои таъсири сиёсии зудрасро безарар месозанд. Дар натиҷа, шабакаи мураккаби пайвастагӣ ташаккул меёбад, ки ЗҶАИ, институтҳои фавқулмиллӣ ва бозорҳои мувозиро фаро гирифта, механизмҳои расмии савдои байналмилалиро тавассути роҳҳои ғайриқонунӣ ва нимқонунӣ таҳриф мекунад. Ин равандҳо равиши ҳамгироишудаи бисёрсатҳаро тақозо менамоянд, ки усулҳои иқтисодӣ-математикиро бо дастгоҳи институтсионалӣ, сиёсӣ ва рафторӣ муттаҳид сохта, имкони ошкор кардани механизмҳои воқеии таъсири таҳримӣ ва такмили стратегияҳои вокуниши давлатҳо ва ШФМ-ро дар шароити рақамисозӣ ва диверсификатсияи ҷаҳонии робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ таъмин менамоянд [2-М, 3-М, 5-М, 8-М, 9-М, 10-М, 15-М, 16-М, 28-М, 29-М].

2. Таснифи низомие, ки бар асоси таҳлили фарогири таърифҳои доктриналӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва амалияи ҷорӣ намудани таҳримҳои иқтисодӣ ташаккул ёфтааст, нишон медиҳад, ки ҳар гуна сиёсати таҳримӣ бояд ҳамчун падидаи бисёрсатҳӣ баррасӣ гардад, ки аз рӯйи ҳадафҳо, механизмҳо ва сохтори ҳуқуқӣ ба тартиб дароварда мешавад. Ин тасниф на танҳо манъиятҳои анъанавии савдо ва маҳдудиятҳои молиявию қарзиро, балки шаклҳои технологӣ, ҳадафманд ва бурунмарзиро низ фаро гирифта, ҳамзамон меъёрҳои ҳадафгузорӣ, амиқии дастгирии эътилофӣ ва дараҷаи шаффофияти чораҳоро муттаҳид менамояд. Чунин типологияи бисёрҷабҳагӣ бо дарназардошти мақоми ҳуқуқии таҳримҳо, навъи ҳадафи онҳо ва сатҳи пайвастагиашон бо шабакаҳои ҷаҳонии истеҳсолоту тақсимот, абзорҳои таҳлилӣ барои ошкор кардани робитаҳои сабабу натиҷавӣ байни табиати таъсири таҳримӣ ва паёмадҳои он ба низоми хоҷагии ҷаҳонӣ фароҳам меорад ва заминаи пешгӯии динамикаи маъракаҳои таҳримӣ ва баҳодиҳии самаранокии онҳо дар шароити

рақобати рӯзафзуни геосиёсӣ ва вобастагии байниҳамдигарии технологиро муҳайё месозад [2-М, 19-М].

3. Таҳлили таҳаввулоти таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ — аз шаклҳои оддии муҳосира ва эмбарго дар даврони антиқа ва асрҳои миёна то режимҳои муосири бисёрсатҳии маҷбурсозии беруниқтисодӣ — ба таври равшан нишон медиҳад, ки ин абзорҳо, ҳарчанд расман ҳамчун чораҳои ғайризӯри боқӣ мемонанд, зери таъсири рушди институтҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, навовариҳои технологӣ ва афзоиши пайвастагии ҷаҳонӣ муттасил мураккаб гардидаанд. Дар натиҷа, онҳо ба низоми динамикӣ ва мукаммали тадбирҳо табдил ёфта, маҳдудиятҳои ҳадафноки молиявию сармоягузорӣ, манъиятҳои технологӣ ва таҳримҳои бурунмарзӣ («дуюмдараҷа»)-ро дарбар мегиранд. Ин таҳримҳо қобилияти таъсир расонидан ба ЗҶАИ ва барангехтани чораҳои ҷавобиро дошта, аз доираи боздории классикии низоъҳои мусаллаҳона берун рафта, маҷмӯи ҳадафҳоро — аз рақобати геосиёсӣ ва ҳимояи ҳуқуқи инсон то маҳдуд кардани дастрасӣ ба захираҳо ва бозорҳои ҳаётан муҳим — фаро мегиранд. Ҳамзамон, ҷалби афзояндаи сохторҳои фавқулмиллӣ роҳҳои нави қонунигардонӣ ва ҳамоҳангсозии режимҳои таҳримиро ташаккул медиҳад, аммо хавфи таъсири бурунмарзӣ ва тақвияти порчашавии фазои ҷаҳониро бештар мекунад [2-М, 18-М].

4. Таҳлили маҷмӯии роҳҳои савдо, молия, сармоягузорӣ ва технологии таъсири таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ, ки бо моделсозӣ дар чорчӯбаи назарияҳои классикӣ ва эндогении макроиқтисодӣ пурра шудааст, нишон медиҳад, ки онҳо ҳамчун зарбаи экзогении бисёрсамта амал карда, ҳамзамон ба омилҳои калидии фаъолияти иқтисодиёти миллӣ дахолат менамоянд – аз коҳиши савдои берунӣ ва фишори беқурбшавӣ дар шароити афзоиши мукофоти хавф то маҳдуд шудани дастрасӣ ба технологияҳои ҳаётан муҳим ва сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ. Ин раванд ногузир ба фарсудашавии тақозои ҷамъиятӣ, тағйири сохтори соҳавӣ ба нафъи бахшҳои каммасрафи сармоя, сустшавии пешрафти илмию техникӣ ва дар натиҷа ба ташаккули

масири дарозмуддати ақибмонӣ дар заминаи афзоиши осебпазирии берунииқтисодӣ меанҷомад [2-М, 17-М, 20-М].

5. Баррасии низомии таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ дар чорчӯбаи иқтисодиёти бисёрқутбаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки рушди тезонидашудаи марказҳои нави иқтисодӣ ва иқтидори афзояндаи технологии онҳо сохтори мураккаби геоиқтисодиро ба вуҷуд овардааст. Дар ин сохтор, чораҳои таҳримӣ на танҳо дастрасии рақибонро ба захираҳои ҳаётан муҳим ва роҳҳои молиявӣ маҳдуд менамоянд, балки ҳамчун ангезаи тағйири самти ҷараёнҳои савдо, ташаккули институтҳои молиявию инфрасохтории алтернативӣ ва таъсиси минтақаҳои ҳамкории мустақил аз пешсафони анъанавии ҷаҳонӣ хизмат мекунанд. Чунин равандҳо, аз як тараф, рақобатро миёни ИМА, Чин, ИА ва дигар марказҳо шиддат бахшида, аз ҷониби дигар, ба порчагардии низоми хоҷагии ҷаҳонӣ оварда, сохтори бисёрсатҳии механизмҳои пардохтии мувозӣ, бонкҳои сармоягузорӣ ва меъёрҳои танзимгарро тақвият медиҳанд. Дар натиҷа, ЗҶАИ ба манфиати иттиҳодҳои минтақавӣ бозсозӣ шуда, мувозинати қудрати иқтисодиро тағйир ва бартариҳои асосии технологӣ ва захиравиро дар муносибатҳои байналмилалӣ аз нав тақсим менамоянд [2-М, 30-М].

6. Таҳлили низомии иқтисодӣ-математикӣ ва омории таъсири таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ дар мисоли иқтисодиёти Русия, ки бар усулҳои сохторӣ, аз ҷумла моделҳои SVAR, асос меёбад, фарзияро тасдиқ мекунад, ки таҳримҳо ҳамчун зарбаи экзогенӣ амал намуда, ноустувории макроиқтисодиро чандин маротиба афзоиш медиҳанд ва дар нишондиҳандаҳо, чун ММД-и воқеӣ, сатҳи таваррум, қурби асъор, ҳаҷми содирот, ҷараёнҳои сармоягузорӣ ва сиёсати пулию қарзӣ, вокуниши занҷиравӣ ба вуҷуд меоранд. Функсияҳои импулсӣ ва декомпозитсияи дисперсия коҳиши назарраси кӯтоҳмуддати фаъолияти соҳибкорӣ ва фирори сармояро дар пасманзари афзоиши фишори нарх ва тамоюлҳои беқурбшавӣ нишон медиҳанд. Дар дарозмуддат бошад, онҳо ба бозсозии манфии сохторӣ ва сустшавии суръати эҳтимолии рушд меоранд. Баррасии сенарияҳо нишон медиҳад, ки қисман ё пурра бекор шудани маҳдудиятҳо метавонад маҷмааи сармоягузорӣ-технологиро ба

марҳилаи баркароршавӣ ҳидоят карда, иқтисодро ба масири рушди баландтар бозгардонад. Ҳамаи ин аҳамияти истифодаи равиши ҳамгироишудаи SVAR-ро барои арзёбӣ ва пешгӯии таъсири таҳримӣ тасдиқ менамояд [2-М, 17-М, 20-М].

7. Муқоисаи маҷмӯии стратегияҳои мутобиқшавии давлатҳои зери таҳрим фарзияро тасдиқ мекунад, ки муваффақият ё номуваффақии тадбирҳои муқовимат ба фишори таҳримӣ ба маҷмӯи омилҳои бунёдӣ – аз ҷумла пояи кофии захиравӣ (пеш аз ҳама ашёи хом ва молия), чандирии институтҳои иқтисодӣ, қобилияти диверсификатсияи фаврии самтҳои содироту воридот ва захираҳои дипломатӣ барои эҷод ё таҳкими бозорҳои алтернативӣ ва ҷалби сармоягузории ғайриғарбӣ – робитаи бевосита дорад. Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки дар набудани яке аз ин унсурҳо ҳатто фоидаҳои кӯтоҳмуддати бармеомада аз тадбирҳои воридотивазкунанда ё роҳҳои пинҳонии гурез аз таҳрим зуд поён меёбанд, ба номутаносибии сохторӣ, ақибмонии технологӣ ва шиддатёбии иҷтимоӣ меорад. Ҳамзамон, сиёсати мувофиқашудаи институтсионалӣ дар якҷоягӣ бо дастгирии шарикони калони хориҷӣ метавонад осебпазирии иқтисоди миллиро нисбат ба маҳдудиятҳо кам кунад, аммо беислоҳоти низомӣ ва рушди кластерҳои инноватсионӣ пешрафти дарозмуддати технологӣ ва сармоягузорӣ таъмин намешавад [2-М, 6-М, 11-М, 12-М, 13-М, 25-М].

8. Таҳлили муқоисавии шароитҳо ва механизмҳои ташкили устувории берунииқтисодии давлатҳо дар фазои таҳримҳои эҳтимолӣ нишон медиҳад, ки шакли муассири муқовимат на маҷмӯи тадбирҳои ҷудогона, балки барномаи ҳамоҳангшудаест, ки ба чандирии институтсионалӣ, дипломатияи бисёрсатҳа, мухторияти молиявию технологӣ ва сармояи инсонии баланд такя мекунад. Таҷриба тасдиқ менамояд, ки ташаккули чунин сохтори амнияти иқтисодӣ бозбинии танзими ҳуқуқӣ, таъсиси сохторҳои байниидоравии мониторинг ва вокуниш, рушди иқтидори инноватсионӣ ва инфрасохторӣ, инчунин дипломатияи фаъолро барои густариши роҳҳои алтернативии савдо ва сармоягузорӣ дар назар мегирад. Ин тадбирҳо на танҳо осебпазириро коҳиш

дода, балки рақобатпазирӣ ва соҳибихтиёрии технологиро дар бозорҳои ҷаҳонӣ дарозмуддат тақвият мебахшанд [1-М, 2-М, 6-М, 11-М, 12-М, 14-М, 23-М, 24-М, 25-М, 26-М].

9. Таҳқиқи сохтори иқтисодиёти Тоҷикистон ва робитаҳои берунииқтисодии он дар шароити эҳтимолии зарбаҳои экзогенӣ нишон медиҳад, ки вобастагии баланд аз воридоти манобеи энергетикӣ, маҳсулоти озуқаворӣ ва молҳои технологии мураккаб, тамаркузии содирот ба доираи маҳдуди номгӯи ашёи хом ва роҳҳои хориҷии фурӯш, инчунин нақши назарраси интиқолҳои пулии муҳоҷирон дар ташаккули даромади хоҷагиҳо мизони хавфи низомии осебпазирии таҳримиро афзоиш медиҳанд. Тамаркузи сармоягузориҳо аз шумораи маҳдуди кишварҳо ва ҳаҷми ками захираҳои миллӣ самараи мултипликативии зарбаҳои эҳтимолии беруниро тақвият бахшида, метавонад тавассути гароншавии воридоти ҳаётан муҳим, ихтилол дар занҷираҳои логистикӣ, маҳдуд гаштани дастрасӣ ба бозорҳои молиявӣ ва коҳиши шадиди даромади аҳолӣ зоҳир гардад. Ин асимметрия дар ҷараёнҳои савдои хориҷӣ ва созишномаҳои сармоягузорӣ зарурати талошҳои ҳадафманд барои диверсификатсияи молҳои содиротию воридотӣ, таҳкими истиқлолияти технологӣ ва ташаккули низоми молиявию озуқаворӣи чандирро, ки қобили муқовимат ба маҳдудиятҳои эҳтимолии таҳримӣ дар иқтисоди бисёрқутбаи ҷаҳонӣ бошад, пеш мегузорад [1-М, 7-М, 23-М, 24-М, 25-М, 27-М].

10. Устувории маҷмӯи хоҷагии миллии ҳар як давлат ба таври интиҳоӣ аз қобилияти он ба мутобиқшавии стратегӣ вобаста аст. Хусусияти модели кунунии иқтисодиёти Тоҷикистон дар соҳаи робитаҳои берунииқтисодӣ он аст, ки сохтори содирот дорои диверсификатсияи бениҳоят кам буда (бартарияти маҳсулоти ашёи хом), дараҷаи мухторияти технологӣ паст мебошад ва дастрасӣ ба абзорҳои байналмилалии молиявӣ маҳдуд аст, ки ҳамаи ин сатҳи амнияти берунииқтисодиро ба таври назаррас поин меорад. Ҳамзамон, сатҳи пасти расмиятёбии институтҳои ҳимояи берунииқтисодӣ ва механизмҳои идоракунии зиддибӯҳронӣ, инчунин беҳаракатии ислоҳоти институтсионалӣ, ташаккули механизми устувори вокуниши иқтисодиро ба

зарбаҳои экзогенӣ, аз ҷумла ба зарбаҳои эҳтимолии таҳримӣ, душвор месозанд. Дар шароити авҷгирии таҳримҳо дар низоми муосири робитаҳои хоҷагии ҷаҳон ва хусусан нисбат ба шарики тиҷоратии асосии кишвар — Русия — таъсири самараи маҳдудиятҳои дуюмдараҷа аллакай дар коҳиши ҳаҷми интиқолҳои пулии муҳоҷирон, мураккаб гардидани сохтори логистикӣ ва маҳдуд шудани дастрасӣ ба манобеи асосии пардохтпазирии байналмилалӣ зоҳир шуда, хавфҳои фискалӣ ва асъориро афзоиш медиҳад. Аз ин рӯ, барои фаъолияти устувори иқтисоди миллӣ гузариш аз модели вокунишии зиддибӯҳронӣ ба сохтори стратегии амнияти беруниқтисодии пешгирикунанда, ки бар чандирӣ, пешбинишавандагӣ ва ҳамоҳангии бисёрсатҳа ҳам дар дохили кишвар ва ҳам бо субъектҳои байналмилалии ҳамкории иқтисодӣ асос ёфтааст, зарур мебошад [1-М, 7-М, 25-М].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

1. Таҳлили ретроспективии ташаккул ва рушди низоми таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ ва табдилёбии он дар фазои бисёрқутби муосири хоҷагии ҷаҳонӣ зарурати моделсозии назариявии тадбирҳои ҷавобӣ ва коҳиши паёмадҳои ҷамъиятӣ, таҳияи стратегияҳои диверсификатсияи технологиву молиявии ба коҳиши осебпазирӣ аз маҳдудиятҳои бурунмарзӣ равона шуда ва ташаккули низомҳои пардохтии алтернативӣ, гузаронидани таҳлили фарогири маъракаҳои таҳримӣ бо дарназардошти хусусияти ҳуқуқӣ, амнияти киберӣ ва иҷтимоӣ нишон медиҳад. Ин дар навбати худ имкон медиҳад, ки таъсири дарозмуддати он ба равандҳои иқтисодию сиёсӣ дар миқёси ҷаҳон дақиқтар пешбинӣ ва идора карда шавад [1-М, 14-М, 23-М].

2. Дар шароити кунунӣ мувофиқи мақсад он аст, ки низоми ҳамкории мукаммали байни муассисаҳои давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва доираҳои соҳибкорӣ ташаккул шавад, ки дар чорчӯби он аввалан, бояд моделҳои пешгӯи гибридӣ тарҳрезӣ гарданд, ки CGE моделсозӣ, таҳлили шабакавӣ ва экспертизаи сиёсиву иқтисодиро муттаҳид месозанд, то ин ки зарбаҳои таҳримӣ дар шакли сенарияҳои муфассал тасвир ва арзёбӣ шаванд; дуюм,

мустаҳкам намудани пояи институтсионалии низоми ҳамкории мутақобилаи бисёртарафа бо такя ба бастани шартномаҳои бисёрҷониба ва таҳияи тадбирҳои пешгирикунанда, ки ба коҳиши осебпазирӣ аз басташавии ҷараёнҳои технологӣ ва молиявӣ меорад; сеюм, мебояд таҳқиқоти рафторшиносӣ оид ба вокуниши доираҳои тиҷоратӣ ва аҳолӣ дар шароити ташаккули режимҳои таҳримиро густариш бахшид, то сиёсати иқтисодӣ ва иттилоотии давлатҳо саривақт ислоҳ шуда, умедҳои ақлнорас ҳадди ақал гарданд; чорум, бояд равиши байнисоҳавӣ барои пажӯҳиши низоъҳои гибридӣ густариш дода шавад, ки ҳамаи механизмҳои фишорро — иқтисодӣ, дипломатӣ, иттилоотӣ ва кибернетикӣ — ба эътибор мегирад; панҷум, таҷрибаи мутобиқати стратегияҳои иттиҳодиявии ШФМ дар шароити таҳримҳои бурунмарзӣ тариқи диверсификатсияи занҷираҳои логистикию молиявӣ, сармоягузорӣ ба КТИТК-и маҳаллӣ ва истифодаи роҳҳои мувозии таҳвил бояд васеъ карда шавад, то устувории дарозмуддати фаъолияти соҳибкорӣ таъмин гардад [2-М, 7-М, 10-М].

3. Сохтори таснифдиҳанаи таҳримҳои иқтисодӣ дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод шудааст, имкон медиҳад, ки ба стратегияҳои мутобиқшавии миллӣ ва иттиҳодиявӣ механизмҳои муайянкунии тафриқашудаи сатҳҳои дастгирии эътилофии таҳримҳо, ба назаргирии дақиқи қонунигардонии чораҳо, ба низом даровардани шаклҳои маҳдудият ва мустаҳкам кардани дараҷаи шаффофият ворид карда шаванд. Дар маҷмӯъ, чунин равиш назорати хавфҳои ҷаҳониро осон намуда, имкони ислоҳи саривақтии стратегияҳои иқтисодиро фароҳам меорад, роҳҳои савдо ва молияи берунаро мукаммал менамояд, механизмҳои ҳамоҳангшудаи моделсозии пешбинии зарбаҳои таҳримиро ташаккул медиҳад ва пойгоҳи меъёриву ҳуқуқиро барои идоракунии таҳдидҳои бурунмарзӣ ва манъиятҳои технологӣ таҳким мебахшад, ки дар ниҳоят устувории иқтисодҳои миллӣ ва ШФМ-ро ба чораҳои маҷбурсозӣ дар шароити рақобати шадиди геосиёсии ҷаҳонӣ боло мебарад [2-М, 9-М, 19-М].

4. Тарҳрезии сенарияҳои муфассали таъсири зарбаҳои экзогенӣ дар шароити ташаккул ва рушди низоми таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ имкони муайян кардани пайвандҳои аз ҳама осебпазири иқтисодҳои миллӣ, арзёбӣ намудани самараи мутобиқшавии кӯтоҳмуддат ва оқибатҳои сохтории дарозмуддатро медиҳад, ки ин ба қабули чораҳои пешгирикунандаи саривақтӣ мусоидат ва паёмадҳои манфиро кам намуда, аз ақибмонии низомии тӯлонӣ ва вайроншавии амнияти берунииқтисодӣ ҷилавгирӣ менамояд [11-М, 17-М, 20-М].

5. Ташаккули стратегияҳои мутобиқшавӣ дар заминаи сиёсати берунииқтисодӣ ва технологии давлатҳо дар низоми муосири робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ тақозо мекунад, ки нақши афзояндаи иттиҳодияҳои минтақавӣ ва механизмҳои нави молиявию институтсионалӣ, ки роҳҳои алтернативии дастрасӣ ба сармоя ва технологияҳои муҳим фароҳам меоранд, ба назар гирифта шавад. Ин иштироки фаъолонаро дар иттиҳодияҳои минтақавӣ ва шаклҳои бисёрҷонибаи ҳамкорӣ барои диверсификатсияи ҷараёнҳои логистикию молиявӣ, густариши пояи илмӣ-технологии дохилӣ ҷиҳати коҳиши вобастагӣ аз таъминкунандагони ба таҳрим осебпазир, инчунин коркарди дарозмуддати низомҳои ҳисоббароркунии худӣ ва институтҳои маблағгузории муштаракро, ки фишори беруниро нарм намуда, ҳамзамон мавқеи кишварҳоро дар занҷираҳои нави бисёрқутби таъминот ва тақсимоти захираҳо тақвият медиҳанд, дар бар мегирад [2-М, 14-М, 30-М].

6. Коркарди моделҳои сохтории вектории пешрафта ва ба таври даврӣ нав кардани додаҳои онҳо имкони сари вақт ошкор кардани нуқтаҳои муҳими осебпазирии берунииқтисодӣ ва миқёси фишори таҳримиро медиҳад. Ин ба давлатҳое, ки зери чунин фишор қарор доранд ё дар минтақаи хавфи таъсири он ҳастанд, шароити гузаронидани сиёсати чандирии макроиқтисодиро фароҳам меорад, ки диверсификатсияи мутавозуни бозорҳои содиротӣ, ҳавасмандии сармоягузориҳои дарозмуддат (аз ҷумла тавассути ташаккули муҳити танзимии мусоид ва чораҳои мақсадноки дастгирии соҳаҳои дорои вобастагии баланди технологӣ), тақвияти бозори миллии асъор бо роҳи боло

бурдани ҷолибияти абзорҳои молиявии маҳаллӣ, инчунин ташаккули барномаҳои мукаммали воридотивазкунӣ дар якҷоягӣ бо тақвияти ҳамкориҳои байнисоҳавӣ ва байналмилалӣ, ки ба суст кардани паёмадҳои зарбаҳои кӯтоҳмуддат ва паст кардани хавфҳои сохторӣ барои рушди иқтисодии дарозмуддат мусоидат мекунанд, дар бар мегирад [2-М, 21-М].

7. Густариши тадқиқот дар самти фаъолияти таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ дар низоми муосири робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ имкон медиҳад, ки дар доираи иқтисодиёти миллӣ «ҷойҳои маҳдуд»-и хусусияти сохторӣ дошта (технологӣ, молиявӣ ва институтсионалӣ) бо мақсади саривақт тағйир додани самти захираҳои давлатӣ ва малакаҳои идоракунӣ ба ташаккули роҳҳои диверсификатсияшудаи содироту воридот, ҳавасмандгардонии маҳаллигардонии истеҳсолоти ҳаётан муҳим, инчунин таъсиси инфрасохтори молиявии мувозӣ, муайян карда шаванд. Дар ин росто, ба таҳияи механизмҳои дастгирии муҳити инноватсионӣ (бо такя ба воридотивазкунии технологияҳои пешрафта ва ихтироотҳои илмиву техникӣ), таҳкими созишномаҳои дипломатӣ ва сармоягузорӣ бо марказҳои алтернативии иқтисодӣ, соддагардонии институтсионалии расмиёт дар соҳаи сиёсати савдо ва ташаккули фазои ҷолиб барои ҷалби сармоягузориҳои дарозмуддат, ки метавонанд дар умум қисми хавфҳоро вобаста ба таъсири режимҳои маҳдудкунанда безарар гардонанд ва устувории баланди иқтисодиёти миллиро таъмин намоянд, аҳамияти хоса додан лозим аст [12-М, 17-М].

8. Тавсеаи абзори ҳуқуқии вокуниши фаврӣ, таҳкими институтсионалии шӯроҳои ҳамоҳангсозии байниидоравӣ, ҳавасмандгардонии лоиҳаҳои ҳамгироии бисёрҷониба ва эътилофҳои технологӣ, ташкили низомҳои пардохтии мувозӣ ва дастгирии пайвастаи кластери миллии илмӣ-таълимӣ заминаи комили чораҳои пешгирикунандаро зидди маҳдудиятҳои беруна фароҳам месозанд. Ҳамзамон, ҳамгироии соҳибкорӣ ба раванди банақшагирии зиддибӯҳронӣ, ҷалби оммавии соҳибкорон ба форумҳои давлатӣ ва барномаҳои мақсадноки пешбурди содирот, инчунин иштироки онҳо дар ташаббусҳои муштараки инфрасохторӣ, захираи иловагии устуворӣ офарида,

робитаҳои байналмилалиро қавӣ месозад ва модели мутобиқшавии самарабахшеро ташаккул медиҳад, ки на танҳо таъсири манфии эҳтимолии таҳримҳоро коҳиш медиҳад, балки рушди инноватсионию технологии кишварро низ суръат мебахшад [7-М, 15-М].

9. Боло бурдани устувории иқтисодиёти Тоҷикистон дар шароити зарбаҳои экзогенӣ ва таҳдиди эҳтимолии фишори ғайримустақими таҳримӣ диверсификатсияи таҳвилкунандагон ва бозорҳои фурӯш, таҳкими пояи технологӣ ва рушди соҳаҳои воридотивазкунанда, инчунин таъмини амнияти молиявию озуқаворӣ дар якҷоягӣ бо ҷалби манбаъҳои нави сармоягузорӣ, таъсиси минтақаҳои иқтисодии махсусгардонидашуда, таҳкими имкониятҳои институтсионалию кадриро дар назар дорад, ки дар маҷмӯъ рақобатпазирии маҷмӯи хоҷагии кишварро боло мебарад ва хавфҳои маҳдудиятҳои беруниқтисодиро коҳиш медиҳад [1-М, 23-М, 25-М].

10. Натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ нишон медиҳанд, ки барои татбиқи сиёсати миллии пешгирикунандаи самарабахш дар шароити зарбаҳои экзогенӣ ва таҳдиди эҳтимолии фишори ғайримустақими таҳримӣ тавсия мешавад: аввалан, оғози иниститутсионализатсияи мақомоти байниидоравии ҳамоҳангкунанда оид ба устувории беруниқтисодӣ, ки ваколати назорати хавфҳои таҳримӣ, гузаронидани таҳлили сенариявӣ ва таҳияи абзорҳои вокуниши иқтисодиро дар ихтиёр дошта бошад. Дуюм, фаъолсозии сиёсати бетарафии технологӣ тавассути таҳия ва татбиқи барномаи истеҳсоли аз воридот мустақил дар соҳаҳои ҳаётан муҳим — энергетика, КАС, саноати алюминий ва нассоҷӣ — бо такя ба ҳамкории бисёрҷониба бо кишварҳое, ки дар эътилофҳои таҳримӣ ширкат надоранд, лозим аст. Сеюм, табдилдиҳии меъёриву инфрасохтории низоми пардохтӣ: ҷорӣ кардани ҳисоббаробакунӣ бо асъорҳои алтернативӣ, пайвастшавӣ ба низомҳои минтақавии ҳисоббарбаркунӣ, рушди институти бонки содиротию воридотӣ ва таъсиси роҳҳои устувори интиқолҳои пулии фаромарзӣ зарур аст. Чорум, бо мақсади паст кардани осебпазирӣ таъмини маблағгузории эҳтиётӣ барои барномаҳои шуғл ва маҳалликунонии ҷойҳои корӣ барои муҳоҷирони эҳтимолан

баргаштаистода лозим аст. Панҷум, самти калидӣ амиқгардонии иштироки Тоҷикистон дар гурӯҳҳои алтернативии ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ (аз ҷумла БРИКС+, СҲИ, СҲШ) мебошад, ки дар доираи онҳо имконияти дастрасӣ ба технологияҳо, сармоягузорӣ ва бозорҳои фурӯш бо канорагирӣ аз режимҳои маҳдудкунандаи ғарбмарказ. Дар маҷмӯъ, татбиқи қадамҳои мазкур имкони ташкили тарҳи функсионали устувори амнияти берунииқтисодӣ ва таъмини иқтидори мутобиқшавии иқтисодиёти миллиро дар шароити фишори тӯлонии таҳримӣ ва порчашавии геоиқтисодӣ медиҳад [2-М, 4-М, 5-М, 14-М, 30-М].

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


1. Campos, L. An analysis of exogenous shocks using structural vector autoregressions identified with sign restrictions [Text]: Doctoral dissertation / L. Campos; directed by J. Ruiz Andújar. – Madrid: Universidad Complutense de Madrid, 2014. – 93 p.

2. Farrell, H., Newman, A.L. Weaponized Interdependence: How Global Economic Networks Shape State Coercion [Text] / H. Farrell, A.L. Newman // International Security. – 2019. – Vol. 44, No. 1. – Pp. 42–79.

3. Trade statistics for international business development [Electronic resource]. – Access mode: https://www.trademap.org/Index.aspx

4. UNCTADstat Data Centre [Electronic resource]. – Access mode: https://unctadstat.unctad.org/EN/Index.html

5. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаҳои электронии нашрияҳо (бойгонӣ) [Сарчашмаи электронӣ]. — Ҳолати дастрасӣ: https://www.stat.tj/ru/elektronnye-versii-publikaczij-arhiv/

6. Бобоев, А.А., Маҳкамов, П.Ҳ. Масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва афзалиятнокии он дар шароити муосири Тоҷикистон [Матн] / А.А. Бобоев, П.Ҳ. Маҳкамов // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – № 1 (21). – С. 86–95.

7. Бонки миллии Тоҷикистон. Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи кишварҳо [Сарчашмаи электронӣ]. — Ҳолати дастрасӣ: https://nbt.tj/ru/statistics/tavozuni-pardokhti-jt/sarmoyaguzori hoi mustakimi khoriji ba jt az r kishvarho.php

8. Бонки миллии Тоҷикистон. Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи соҳаҳо [Сарчашмаи электронӣ]. — Ҳолати дастрасӣ: https://www.nbt.tj/ru/statistics/tavozuni-pardokhti-jt/sarmoyaguzori-oi-mustakimi-khorii/sarmoyaguzorihoi-musta-imi-khori-ba-jt-az-r-sohaho.php

9. В Госдуме призвали ввести визы для мигрантов [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/politics/20241219/deputat-matveev-prizval-vvesti-vizi-dlya-migrantov-posle-ubiistva-generala

10. Веремеев И. США стали главным поставщиком СПГ в Европу [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.stoletie.ru/tekuschiiy_moment/ssha_stali_glavnym_postavshhikom_spg_v_jevropu_976.htm

11. Всемирный банк. ВВП, ППС (в текущих международных долларах) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://data.worldbank.org/indicator/NY.GDP.MKTP.PP.CD?end=1991&locations=1W-BR-EG-IN-ID-IR-CN-AE-RU-ET-ZA&start=1990

12. Всемирный банк. Открытые данные Всемирного банка [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://data.worldbank.org

13. Зияева, М.Д. Диверсификация источников инвестиционного обеспечения предпринимательских структур в промышленности [Текст] / М.Д. Зияева // Таджикистан и современный мир. – 2024. – № 1 (85). – С. 213–227.

14. Иброҳимов, И.Р., Ғоибназаров, Ғ.У. Диверсификатсияи савдои беруна ҳамчун унсури муҳими паст кардани хавфҳо [Матн] / И.Р. Иброҳимов, Ғ.У. Ғоибназаров // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – № 1 (21). – С. 33–39.

15. Мельник, А.Н., Садриев, А.Р., Лукишина, Л.В., Маъруфи, М. Санкционное давление: направления трансформации процессов управления инновационным развитием российской экономики [Текст] / А.Н. Мельник, А.Р. Садриев, Л.В. Лукишина, М. Маъруфи. – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 2018. – 240 с.

16. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ [Сарчашмаи электронӣ]. — Ҳолати дастрасӣ: https://president.tj/event/missives/49225

17. Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ҷашни Наврӯз [Сарчашмаи электронӣ]. — Ҳолати дастрасӣ: https://prezident.tj/event_by_theme/internal_politics/navruz/25411

18. Содиқзода, П. Классификация экономических санкций в системе мирохозяйственных связей [Текст] / П. Содикзода // Финансово-экономический вестник. – 2024. – № 3 (42). – С. 105–113.

19. Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори савдои хориҷии ҶТ [Сарчашмаи электронӣ]. — Ҳолати дастрасӣ: https://gumruk.tj/index.php/2018-06-12-04-34-10/2018-06-14-07-44-16/2018-06-14-07-45-21

## Руйхати интишороти довталаб аз рӯи мавзуи диссертатсия

### Монографияҳо

[1-М] Содиқзода, П. Внешнеэкономические интересы Таджикистана в современном мировом хозяйстве [Текст] / Душанбе: «Адабиёти бачагона», 2020. – 184 с.

[2-М] Содиқзода, П. Экономические санкции в контексте трансформации современной мировой экономики [Текст] / Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2025. – 300 с.

### Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст

[3-М] Содиқзода, П. Санкции в системе мировых хозяйственных связей [Текст] / П. Содиқзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2015. – №2/2 (161). – С. 181-186.

[4-М] Содиқзода, П. Политико-экономические проблемы развития интеграционных процессов на постсоветском пространстве [Текст] / П. Содиқзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2020. – № 5. – С. 148-154.

[5-М] Содиқзода, П. Косвенное влияние международных экономических санкций для третьих стран (на примере ЕАЭС) [Текст] / П. Содиқзода // Таджикистан и современный мир. – Душанбе, 2020. – №4 (72). – С. 200-208.

[6-М] Содиқзода, П., Давлатова, Н.И. Консепсияҳои муосири амнияти иқтисодии мамлакат [Матн]/ П. Содиқзода, Н.И. Давлатова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, - Душанбе, 2021. - №4/2 (39). – саҳ. 35-41.

[7-М] Содиқзода, П. Современное состояние внешнеэкономической безопасности Республики Таджикистан [Текст] / П. Содиқзода // Вестник

Таджикского государственного университета коммерции. – Душанбе, 2022. – №1(40). – С. 248-257.

[8-М] Содикзода, П. Исследование сущности санкций на основе санкционной политики США [Текст] / П. Содикзода // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – Душанбе, 2022. – №3(42). – С. 227-235.

[9-М] Содикзода, П., Икромов, Ф.Н., Кишваров, М.Дж. Место экономических санкций в современной системе международных отношений [Текст] / П. Содикзода, Ф.Н. Икромов, М.Дж. Кишваров // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – Бохтар, 2022. – №1/4, том 2 (104). – С. 180-186.

[10-М] Содикзода, П., Икромов, Ф.Н., Гаюров, Г.Х. Оценка экономических санкций в контексте глобализации [Текст] / П. Содикзода, Ф.Н. Икромов, Г.Х. Гаюров // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – Душанбе, 2022. – №1(45). – С. 82-88.

[11-М] Содикзода, П., Кишваров, М.Дж. Анализ этапов развития национальной конкурентоспособности [Текст] / П. Содикзода, М.Дж. Кишваров // Таджикистан и современный мир. – Душанбе, 2023. – №1 (81). – С. 329-338.

[12-М] Содикзода, П., Кишваров, М.Дж. Анализ научных подходов к определению понятия «конкурентоспособность национальной экономики» [Текст] / П. Содикзода, М.Дж. Кишваров // Финансово-экономический вестник. – Душанбе, 2023. – №1(35). – С. 85-94.

[13-М] Содикзода, П., Икромов, Ф.Н., Кишваров, М.Дж. Обзор эффективности применения многосторонних санкций на примере санкционных мер по отношению к Ирану [Текст] / П. Содикзода, Ф.Н. Икромов, М.Дж. Кишваров // Вестник Технологического университета Таджикистана. – Душанбе, 2023. – №1 (52). – С. 170-179.

[14-М] Содиквода, П., Икромов, Ф.Н., Гаюров, Г.Х. Теоретические аспекты совершенствование конкурентоспособности банковской системы в современных условиях [Текст] / П. Содиквода, Ф.Н. Икромов, Г.Х. Гаюров // Государственное управление. – Душанбе, 2023. – №1 (60). – С. 69-77.

[15-М] Содиквода, П., Икромов, Ф.Н. Экономические санкции в контексте международного права [Текст] / П. Содиквода, Ф.Н. Икромов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2023. – №4/1. – С. 154-162.

[16-М] Содиквода, П. Роль международных экономических санкций в системе мирохозяйственных связей: теоретический анализ [Текст] / П. Содиквода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2024. – №9. – С. 137-145.

[17-М] Содиквода, П. Механизмы влияния экономических санкций на экономический рост подсанкционных стран [Текст] / П. Содиквода // Государственное управление. – Душанбе, 2024. – №4-1 (69). – С. 256-268.

[18-М] Содиквода, П. Эволюционный подход к анализу экономических санкций в системе международных отношений [Текст] / П. Содиквода // Экономика Таджикистана. – Душанбе, 2024. – №4. – С. 221-228.

[19-М] Содиквода, П. Классификация экономических санкций в системе мирохозяйственных связей [Текст] / П. Содиквода // Финансово-экономический вестник. – 2024. – № 3 (42). – С. 105-113.

[20-М] Содиквода, П., Саидмуродзода, Л.Х. Сущность и механизмы реализации экономических санкций в системе мирохозяйственных связей [Текст] / П. Содиквода, Л.Х. Саидмуродзода // Финансово-экономический вестник. – 2024. – № 4.2 (43). – С. 14-25.

[21-М] Содиквода, П. Анализ макроэкономических последствий международных экономических санкций для экономики Ирана [Текст] / П. Содиквода // Вестник Таджикского национального университета. Серия

социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2025. – №2. – С. 26-38.

**Дар дигар нашриёт:**

[22-М] Содиқзода, П. Санкции в системе мирохозяйственных связей [Текст] / П. Содиқзода // Материалы международной научно-практической конференции «Проблемы устойчивости социально-экономического развития в условиях глобализации». – Душанбе, 2015. – №2/2 (161). – С. 223-225.

[23-М] Содиқзода, П. Обеспечение внешнеэкономической безопасности Республики Таджикистан как приоритетное направление экономической политики [Текст] / П. Содиқзода // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему: «Проблемы перехода к системе национальных счетов и совершенствование методологии расчета статистических показателей». – Душанбе, 2019. – С. 422-427.

[24-М] Содиқзода, П. Внешнеэкономическая безопасность Республики Таджикистан [Текст] / П. Содиқзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни ДМТ бахшида ба "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, солҳои 2019-2021", "400 солагии Миробид Сайидои Насафӣ". – Душанбе, 2019. – 406 саҳ.

[25-М] Содиқзода, П. Обеспечение внешнеэкономической безопасности Таджикистана как ответ на негативные вызовы глобализации [Текст] / П. Содиқзода // Маводи конференсии ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» – Ҷилди I. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2020. – 400 саҳ.

[26-М] Содиқзода, П., Давлатова, Н.И. Современные концепции экономической безопасности страны [Текст] / П. Содиқзода, Н.И. Давлатова //

Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Механизмҳои молиявию қарзии татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 18-уми феврали соли 2022). – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2022. – С. 249-257.

[27-М] Содиксода, П. Современное состояние внешнеэкономической безопасности Республики Таджикистан [Текст] / П. Содиксода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Омилҳои берунииқтисодии татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 5-уми майи соли 2022). – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2022. – С. 19-28.

[28-М] Содиксода, П. Теоретические подходы к изучению международных экономических санкций [Текст] / П. Содиксода // Сборник научных трудов международной научно-практической конференции на тему «Финансовое регулирование устойчивого инновационно-индустриального развития экономики Республики Таджикистан в условиях глобализации» (Душанбе, 1-го октября 2024). – Душанбе: Типография ТНУ, 2024. – С. 549-554.

[29-М] Содиксода, П. Обзор теоретических подходов к изучению экономических санкций [Текст] / П. Содиксода // Материалы международной научно-практической конференции на тему «Цифровизация государственного и местного управления: организационные и экономические аспекты» (Душанбе, 21-го февраля 2025). – Душанбе: Типография ТНУ, 2025. – С. 15-25.

[30-М] Содиксода, П. Экономические санкции как фактор дестабилизации и реорганизации глобальных цепочек добавленной стоимости в условиях многополярного мира [Текст] / П. Содиксода // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Вопросы совершенствования деятельности кредитных организаций в условиях перехода к цифровой экономике» (Душанбе, 1-го марта 2025). – Душанбе: Типография ТНУ, 2025. – С. 28-37.

## АННОТАЦИЯ

*Содикзода Парвиза*

## МЕЖДУНАРОДНЫЕ ЭКОНОМИЧЕСКИЕ САНКЦИИ В СОВРЕМЕННОЙ СИСТЕМЕ МИРОХОЗЯЙСТВЕННЫХ СВЯЗЕЙ. ТЕОРИЯ, МЕТОДОЛОГИЯ, ПРАКТИКА

**Ключевые слова:** международные экономические санкции, мирохозяйственные связи, санкционные риски, адаптационные стратегии, эконометрическое моделирование, международная экономическая интеграция, конкурентоспособность, внешнеэкономическая безопасность, продовольственная безопасность, диверсификация, импортозамещение.

В диссертации рассматриваются современные тенденции в применении экономических санкций, анализируются их истоки и развитие с позиции влияния на структуру мирохозяйственных связей, а также систематизируются подходы к оценке последствий санкционного давления для различных национальных экономик.

Целью диссертационного исследования является комплексный теоретико-методологический анализ международных экономических санкций в системе мирохозяйственных связей, выявление их механизмов и экономических последствий для мировой экономики, а также разработка научно-обоснованных рекомендаций по формированию эффективных адаптационных и превентивных стратегий, учитывающих структурные особенности национальных хозяйств, в том числе, Республики Таджикистан.

В заключении приведены конкретные рекомендации по тому, как Таджикистан может повысить устойчивость хозяйственного комплекса путём укрепления продовольственной и энергетической независимости, совершенствования финансовых инструментов защиты от внешних шоков и расширения многосторонних связей в региональных и международных форматах. Такой комплекс мер способствует формированию благоприятных условий для долгосрочного экономического развития и минимизации негативных последствий потенциальных санкционных рисков.

# АННОТАТСИЯ

*Содиқзода Парвиз*

## ТАҲРИМҲОИ ИҚТИСОДИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР НИЗОМИ МУОСИРИ РОБИТАҲОИ ХОҶАГИИ ҶАҲОНӢ. НАЗАРИЯ, МЕТОДОЛОГИЯ, АМАЛИЯ

**Калидвожаҳо:** таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ, робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ, хавфҳои таҳримӣ, стратегияҳои мутобиқшавӣ, моделсозии эконометрикӣ, интегратсияи иқтисодии байналмилалӣ, рақобатпазирӣ, амнияти берунииқтисодӣ, амнияти озуқаворӣ, диверсификатсия, воридотивазкунӣ.

Дар диссертасия тамоюлҳои ҷории татбиқи таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ муоина гардида, сарчашма ва таҳаввулоти онҳо аз нуқтаи назари таъсир ба сохтори робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ таҳлил шудаанд. Ҳамзамон равишҳои баҳодиҳии паёмадҳои фишори таҳримӣ барои иқтисодиётҳои миллӣ ба низом даровarда шудаанд.

Ҳадафи таҳқиқот иҷрои таҳлили мукаммали назариявию методологии таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ, ошкор сохтани механизмҳо ва паёмадҳои иқтисодии онҳо барои иқтисодиёти ҷаҳонӣ, инчунин таҳияи тавсияҳои илман асоснок доир ба ташаккули стратегияҳои мутобиқшавӣ ва пешгирикунандаи самаранок мебошад, ки хусусиятҳои сохтории хоҷагиҳои миллӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба инобат мегиранд.

Дар хулоса тавсияҳои амалӣ оиди баланд бардоштани устувории иқтисодиёти Тоҷикистон бо роҳи таҳкими истиқлолияти озуқаворӣ ва энергетикӣ, такмили абзорҳои молиявии ҳифз аз зарбаҳои беруна ва густариши робитаҳои бисёрҷониба дар сохторҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ оварда шудаанд. Маҷмӯи чорабиниҳои мазкур ба ташаккули шароити мусоид барои рушди дарозмуддати иқтисодӣ ва ба ҳадди ақал расонидани паёмадҳои манфии хавфҳои эҳтимолии таҳримӣ мусоидат мекунад.

**ABSTRACT**

***Parviz Sodikzoda***

**INTERNATIONAL ECONOMIC SANCTIONS IN THE CONTEMPORARY SYSTEM OF GLOBAL ECONOMIC RELATIONS: THEORY, METHODOLOGY, PRACTICE**

**Keywords:** international economic sanctions, global economic relations, sanction risks, adaptive strategies, econometric modeling, international economic integration, competitiveness, external economic security, food security, diversification, import substitution.

The dissertation examines current trends in the application of economic sanctions, analyzes their origins and development with respect to their impact on the structure of global economic relations, and systematically classifies approaches to assessing the consequences of sanctionary pressure on various national economies.

The objective of the research is a comprehensive theoretical and methodological analysis of international economic sanctions within the global economy system, identification of their mechanisms and economic consequences for the global economy, and the development of scientifically grounded recommendations for formulating effective adaptive and preventive strategies, taking into account the structural characteristics of national economies, including the Republic of Tajikistan.

In conclusion, the dissertation offers concrete recommendations on how Tajikistan can enhance the resilience of its economic complex by strengthening food and energy independence, refining financial instruments for defense against external shocks, and expanding multilateral ties in regional and international formats. This comprehensive set of measures aims to create favorable conditions for sustainable long-term economic development and to minimize the adverse effects of potential sanctionary risks.